Дар вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.07.2022 №1176
**ба қайди давлати гирифта шудааст.**

Бо фармоиши Раиси Кумитаи
андоз аз 06.06.2022 №14-Ф
тасдиқ шудааст.

Дар бораи Тартиби татбиқи
усулҳо ва чораҳои таъмини
иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

070.030.010.

Мутобиқи қисми 9 моддаи 136 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намояд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Нусратулло Давлатзода

Мувофиқа шуд
вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
__Файзиддин Қаҳҳорзода
аз «_06__» _06_ соли 2022

Бо фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_06_»_06_ соли 2022, №14-ф
тасдиқ шудааст

# Тартиби
# татбиқи усулҳо ва чораҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

Тартиби
татбиқи усулҳо ва чораҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ (минбаъд – Тартиб) тибқи муқаррароти қисми 9 моддаи 136 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кодекси андоз) таҳия шуда, тартиби татбиқ намудани усулҳо ва чораҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ва маҷбуран ситонидани андозро муқаррар менамояд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби мазкур усулҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, тартиб ва шартҳои амалисозии онҳоро аз ҷониби мақомоти андоз, тартиби маҷбуран ситонидани андозҳо, шакли варақаҳои огоҳинома оид ба пардохти қарзи андоз, қарор дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андоз (минбаъд - қарор), супоришномаи инкассавии мақомоти андоз, тартиби дар шакли хаттӣ ё электронӣ ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ирсол ва ҳамзамон иҷро намудани онҳоро муайян менамояд.

2. Дар сурати аз ҷониби андозсупоранда эътироф шудани маблағи қарзи андозҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳои татбиқшуда, маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда ва (ё) қарздорони (дебиторони) андозсупоранда маблағҳои нақдии андозсупоранда ва аз ҳисоби ба фурӯш баровардани молу мулки ҳабсшудаи андозсупоранда аз ҷониби мақомоти андоз бо тартиб ва дар муҳлати пешбининамудаи бобҳои 17-18 Кодекси андоз амалӣ карда мешавад.

3. Маҷбуран ситонидани қарзи баҳснок аз суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда ва (ё) қарздорон (дебиторон)-и андозсупоранда, маблағҳои нақдии андозсупоранда ва аз ҳисоби ба фурӯш баровардани молу мулки ҳабсшудаи андозсупоранда танҳо бо тартиби судӣ тибқи муқаррароти моддаи 152 Кодекси андоз амалӣ карда мешавад. Маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз шахсони воқеӣ, ки соҳибкори инфиродӣ намебошанд, бо тартиби судӣ, мутобиқ ба муқаррароти моддаи 151 Кодекси андоз анҷом дода мешавад.

## 2. УСУЛҲОИ ТАЪМИНИ ИҶРОИ УҲДАДОРИИ АНДОЗ

4. Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 136 Кодекси андоз иҷрои уҳдадориҳои андозии батаъхирафтодаи андозсупоранда бо усулҳо (чораҳо)-и зерин таъмин карда мешавад:

1) кафолати бонкӣ;

2) замонат;

3) боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ тавассути суратҳисобҳои бонкӣ;

4) ҳисобкунии фоизҳо ба маблағи пардохтнашудаи андозҳо ва пардохтҳо ба буҷет;

5) маҳдудкунии ихтиёрдории молу мулки андозсупоранда (агенти андоз);

6) ҳабси молу мулки андозсупоранда ва ба фурӯш баровардани онҳо;

7) ситонидани қарзи андозӣ аз суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда;

8) ситонидани қарзи андоз аз суратҳисобҳои бонкии қарздорон (дебиторон)-и андозсупоранда;

9) ситонидани қарзи андозӣ аз ҳисоби маблағҳои накдии андозсупоранда.

5. Усулҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ва чораҳои маҷбуран ситонидани андозҳо дар асоси қарори мақоми ваколатдори давлатӣ амалӣ карда мешаванд.

6. Ҳабси молу мулк ва боздоштани амалиётҳои суратҳисоб дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба сифати чораҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозии андозсупоранда дар асоси аризаи ӯ метавонанд бо чораҳои зерин иваз карда шаванд:

1) пешниҳоди кафолати бонкӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 138 Кодекси андоз ба расмият дароварда шудааст;

2) ба гарав гузоштани коғазҳои қиматнок, ки дар бозори муташаккили коғазҳои қиматнок гардиш доранд;

3) замонати шахси сеюм, ки бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 137 Кодекси андоз ба расмият дароварда шудааст.

7. Агар андозсупоранда қарзи андозро дар давоми 20 рӯзи корӣ пас аз гирифтани огоҳинома оид ба пардохти андоз пардохт накарда бошад, мақомоти андоз ҳуқуқ дорад нисбат ба андозсупоранда усулҳои таъмини иҷрои уҳдадории андозии муқаррарнамудаи зербандҳои 3) ва 5)– 9) банди 4 Тартиби мазкурро истифода намояд.

8. Қарорҳои мақоми ваколатдори давлатӣ, ки тибқи банди 7 ҳамин Тартиб қабул шудаанд, бо дар назар доштани ҳолатҳои зерин пурра ва (ё) қисман бекор карда мешаванд:

1) аз санаи эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳалномаи судӣ дар бораи муфлис эътироф кардани андозсупоранда;

2) дар асоси ҳалномаи судӣ пурра ва (ё) қисман қонеъ гардидани шикояти андозсупоранда оид ба натиҷаи санади санҷишӣ;

3) аз санаи эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳалномаи судӣ дар бораи барҳамдиҳии маҷбурии ташкилотҳои қарзии молиявӣ;

4) бартараф гардидани ҳолатҳое, ки боиси амалисозии усулҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ гардидаанд.

9. Дар ҳолати ба имзо расондани созишнома дар бораи батаъхиргузорӣ ва пардохти ба муҳлатҳо ҷудошуда, истифодаи усулҳои

таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозии пешбининамудаи зербандҳои 3) ва 5) - 9) банди 4 Тартиби мазкур ва ба муҳлати муайяннамудаи қисмҳои 1 ва 3 моддаи 149 Кодекси андоз мувaққатан боздошта мешавад.

10. Дар ҳолати аз ҷониби мақомоти андоз бо кафолати бонкӣ ва замонат иваз намудани чораҳои таъмини иҷрои уҳдадории андозии андозсупоранда, амали чораҳои дар банди 4 ҳамин Тартиб пешбинигардида бекор ё мувaққатан боздошта мешавад.

11. Баъд аз бартараф намудани асосҳое, ки боиси татбиқи усулҳои маҷбуран ситонидани андозҳо мутобиқи зербандҳои 3) ва 5)-9) банди 4 ҳамин Тартиб шуда буданд, мақомоти андоз дар асоси маълумоти хаттии ташкилотҳои қарзии молиявӣ оид ба маблағҳои пулии аз суратҳисобҳои андозсупоранда ва (ё) дебиторони ӯ ситонидашуда ва (ё) санади муқоисавии уҳдадориҳои андозии андозсупорандаро бо мақомоти андоз дар муҳлати як рӯзи корӣ қарорҳои қаблан қабулшударо иҷрошуда ҳисобида, дар як вақт ба шахсони дахлдор огоҳинома ирсол менамояд. Қарорҳои қаблан қабулнамудаи мақомоти андоз барои ташкилотҳои қарзии молиявии дахлдор ва андозсупоранда аз рӯзи фиристода шудани огоҳиномаи хаттии мақомоти андоз оид ба иҷрои онҳо тавассути почта ва (ё) дигар воситаи дастрас иҷрошуда ҳисобида мешаванд.

12. Қарорҳо дар бораи боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкӣ, маҳдудкунии ихтиёрдории молу мулк, маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда ё қарздорони (дебиторони) андозсупоранда, ё аз воситаҳои маблағҳои нақдӣ ва аз ҳисоби ҳабс ва ба фурӯш баровардани молу мулки андозсупорандагони дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ фаъолиятдошта, аз ҷониби роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ ва ё муовини ӯро ивазкунанда қабул карда мешавад.

13. Қарор дар бораи ситонидани маблағи қарзи андоз бо роҳи ҳабси молу мулки андозсупоранда ва ба фурӯш баровардани он аз ҷониби раиси Кумитаи андоз ва (ё) муовини якуми ӯ қабул карда мешавад.

14. Қарорҳои дар бандҳои 12 ва 13 Тартиб пешбинишуда дар се нусха тартиб дода шуда, баъди қабул гардидан дар дафтари қайди қарорҳо дар бораи Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои таъмини иҷрои уҳдадоиҳои андозӣ тибқи замимаи 1 ба Тартиби мазкур тасдиқгардида ва ё дар шакли электронӣ ба қайд гирифта мешаванд. Назорат ва иҷрои қарорҳои мазкур дар маҳалҳо аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз таъмин карда мешаванд.

15. Пешбурди фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар самти ташкили корҳо оид ба маҷбуран ситонидани андозҳо аз ҷониби кормандони шуъбаҳо (бахшҳо)-и ситонидани қарзи андозҳо ва ё корманди мутасаддӣ ҷиҳати рӯёнидани қарзи андозӣ дар ҳамкорӣ бо

кормандони шуъбаҳои хизматрасонӣ бо андозсупорандагон ва баҳисобгирии даромадҳо амалӣ мегардад.

16. Назорати фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар самти маҷбуран ситонидани андозҳо ба зиммаи роҳбарони дорои салоҳияти қабули қарор, сардорони мақомоти ҳудудии андоз ва раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андоз вогузор мегардад .

17. Дар раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андоз, раёсатҳои андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва раёсати андози андозсупорандагони калон дар асоси маълумотҳои мақомоти ҳудудии андоз пешбурди феҳристи ягонаи қарздорон - андозсупорандагони қарзи андоздошта, инчунин махзани маълумот оид ба усулҳо ва чораҳои андешидашуда дар самти маҷбуран ситонидани андозҳо дар шакли коғазӣ ва ё электронӣ анҷом дода мешавад.

18. Тартиби пешниҳод, назорат ва ҳисоботи қарорҳо дар татбиқи усулҳо ва чораҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ аз ҷониби раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз дар барномаи EXCEL ва тибқи барномаи компютерии системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо (минбаъд – барномаи компютерии СМИИА) ба роҳ монда мешавад.

## 3. МАРҲИЛАИ ОМОДАГӢ ҶИҲАТИ МАҶБУРАН СИТОНИДАНИ ҚАРЗИ АНДОЗҲО

19. Мутобиқи муқаррароти моддаи 132 Кодекси андоз андозсупорандае, ки уҳдадориҳо оид ба пардохти андозро дорад, уҳдадор аст, ки супоришномаи пардохтиро ба ташкилоти қарзии молиявии хизматрасон на дертар аз муҳлати пардохти муқаррарнамудаи Кодекси андоз пешниҳод намояд. Агар андозсупоранда қарзи пардохтнашудаи андозӣ дошта бошад, мақомоти андоз уҳдадор аст ба андозсупоранда огоҳинома дар бораи пардохт намудани қарзи андозиро на дертар аз 3 рӯз пас аз ба охир расидани муҳлати пардохт ирсол намояд.

20. Дар огоҳинома оид ба пардохти қарзи андозӣ маълумот дар бораи маблағи қарзи андоз, ҳаҷми фоизҳое, ки аз рӯзи ба вуҷуд омадани уҳдадории андозӣ ҳисоб шудаанд, маблағи ҷаримаҳо, инчунин чораҳои таъмини иҷрои уҳдадории андозӣ дарҷ карда мешаванд.

21. Огоҳинома оид ба пардохти қарзи андозӣ ба андозсупоранда, агенти андоз ва ё шахсони дигари алоқаманд аз ҷониби мақомоти андози маҳалли бақайдгирӣ ё мақомоти болоии андоз, ки мутобиқи замимаи 2 ба Тартиби мазкур муайян шудааст, дар шакли электронӣ ё хаттӣ ирсол карда мешавад.

22. Огоҳинома оид ба пардохти қарзи андозӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисмҳои 8 ва 9 моддаи 144 Кодекси андоз ба шахсони дигар бо тартиби муқаррарнамудаи банди 21 Тартиби мазкур фиристода мешавад. Аз санаи гирифтани огоҳинома оид ба пардохти қарзи андозӣ шахсони дигар дар мавриди иҷрои огоҳиномаи мазкур бо андозсупорандагоне, ки аз андоз қарздоранд, баробар карда мешаванд.

23. Мақомоти андоз дар ҳолати зарурӣ дар баробари ирсол намудани огоҳинома, дар асоси дархости хаттӣ аз андозсупоранда пешниҳоди ҳуҷҷатҳои (маълумоти) зарурӣ, аз ҷумла санади муқоисавӣ, реквизитҳои суратҳисобҳои бонкӣ, қарздорон (дебиторон), руйхати молу мулкро барои амалисозии чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андоз дар шакли замимаи 3 ба Тартиби мазкур муайяншуда талаб менамояд. Дар ҳолати ихтиёран иҷро накардани дархости мазкур ва аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои дархостшуда, андозсупоранда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул ҳисобида мешавад.

24. Тибқи талаботи моддаи 135 Кодекси андоз агар мақомоти андоз баъди ба андозсупоранда ирсол намудани огоҳинома оид ба пардохти қарзи андозӣ ҳолатҳои асоснокеро ошкор намояд, ки боиси тағйирёбии маблағи қарзи андозӣ, фоизҳо ё ҷаримаҳо гардидаанд, он уҳдадор аст расман ба андозсупоранда огоҳиномаи дақиқшударо пешниҳод намояд ва огоҳиномаи қаблан ирсолшударо бозпас гирад. Муқаррароти мазкур ба ҳолати пардохти ҷузъии маблағҳои қарзи андозӣ, фоизҳо ё ҷаримаҳое, ки дар огоҳинома оид ба пардохти қарзи андозӣ дарҷ шудаанд, татбиқ карда намешаванд.

25. Огоҳиномаи дақиқшуда оид ба пардохти қарзи андозӣ ва бозхондӣ огоҳиномаи қаблан ирсолшуда ба андозсупоранда дар муҳлати 1 рӯз аз санаи ошкор гардидани ҳолатҳои дар банди 24 ҳамин Тартиб пешбинишуда фиристода мешавад.

26. Мақомоти андоз андозсупорандаро оид ба зарурати пардохти қарзи андозӣ дар давоми 20 рӯзи корӣ аз рӯзи ирсол намудани огоҳинома тавассути почта, инчунин тартиби дигари дастрас намудан ва дар ҳолати риоя накардани талаботи огоҳиномаи мазкур, нисбати ӯ татбиқ гардидани усулҳои таъмини иҷрои ухдадории андоз ва чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андоз, ки дар Кодекси андоз пешбинӣ гардидааст, огоҳ менамояд.

27.Танҳо дар ҳолати қарзи андозиро дар муддати 20 рӯзи кории пас аз санаи гирифтани огоҳинома оид ба пардохти қарзи андозӣ пардохт накардан ва ё қисман пардохт намудани андозсупоранда, мақомоти андоз тавассути амалӣ намудани чораҳои таъмини иҷрои уҳдадории андозии дар бобҳои 17-18 Кодекси андоз пешбинигардида қарзи андозиро меситонад.

28. Уҳдадории таҳия ва ба андозсупорандагон ирсол намудани огоҳинома оид ба пардохти қарзи андоз дар мақомоти ҳудудии андоз ба зиммаи кормандони мутасаддӣ оиди хизматрасонӣ ба андозсупоранда вогузор карда мешавад.

29. Агар андозсупоранда дар мақомоти андоз ҳуҷраи шахсӣ дошта бошад, то боздоштани фаъолияти он, мақомоти андоз ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва иттилоотро танҳо тавассути ҳуҷраи шахсӣ ба андозсупоранда интиқол дода, дар як вақт ба рақами телефони андозсупоранда, ки дар барномаи компютерии СМИИА мавҷуд мебошад, бо роҳи паёмак (СМС) огоҳ мекунад. Ба ҳамин тартиб андозсупоранда ҳуҷҷат ва маълумотро ба мақомоти андоз пешниҳод менамояд.

30. Агар ҳангоми аз ҷониби мақомоти андоз ба ҳуҷраи шахсӣ ирсол намудани ҳуҷҷати электронӣ, маълумот оид ба боздоштани амали ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ё қатъ гардидани истифодаи калиди имзои рақамии электронӣ дастрас гардад, ин ҳуҷҷат мутобиқи муқаррароти банди 6 моддаи 20 Кодекси андоз ба андозсупоранда дар шакли коғазӣ дар давоми се рӯз аз рӯзи гирифтани маълумоти зикршуда фиристода мешавад.

31. Мӯҳлати огоҳинома оид ба пардохти қарзи андозӣ, ки дар моддаи 135 Кодекси андоз ва банди 27 Тартиби мазкур пешбинӣ шудааст, ҳангоми ба андозсупоранда дар шакли электронӣ ва ё хаттӣ ирсол гардидани огоҳинома аз санаи қабули он аз ҷониби андозсупоранда ва аз санаи ба ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ирсол намудани ҳуҷҷати электронӣ оғоз мегардад.

32. Тартиби пешниҳод, назорат ва ҳисоби огоҳиномаҳо ба андозсупорандагони қарздор аз ҷониби Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз тибқи барномаи компютерии СМИИА ба роҳ монда мешавад.

33. Корманди мутасаддии мақомоти ҳудудии андоз оид ба хизматрасонии андозсупоранда вазифадор аст нисбати андозсупорандаи қарздор ҳуҷҷатҳои зеринро барои андешидани усулҳои таъмини иҷрои уҳдадории андозӣ ва чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозӣ, баъди ирсол намудани огоҳинома ҷамъоварӣ намояд:

- санади муқоисавии аз ҷониби андозсупоранда ва мақомоти андоз тасдиқшуда;
- санади муқоисавии аз ҷониби андозсупоранда ва дебиторони ӯ тасдиқшуда;
- нусхаи эъломияҳои андоз ва ҳисоботҳои андозсупоранда (дар ҳолати ғайриимкон будани тартиб додани санади муқоисавӣ);

- нусхаи қарори мақоми андоз аз натиҷаи санҷиши сайёр (дар ҳолати пайдо шудани маблағи қарзи андоз дар асоси санади санҷишии мақомоти андоз);

- нусхаи протокол ва қарорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати андозсупоранда вобаста ба сари вақт напардохтани қарзи андозҳо, агар дар қонунгузорӣ чунин тартиб пешбинӣ шуда бошад;

- маълумот нисбати суратҳисобҳои андозсупоранда ва дебиторони ӯ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ;

- нусхаи санади азнавбаҳисобгирии (инвентаризатсияи) molу мулки андозсупоранда (ё худ рӯйхати молу мулки андозсупоранда);

- нусхаи иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, маълумот нисбати роҳбар, сармуҳосиб ва соҳибмулки шахси ҳуқуқӣ, агар соҳибкори инфиродӣ бошад, нусхаи шиноснома ва суроғаи ҷойи зист.

34. Мақомоти андоз дар ҳолати зарурӣ дар баробари ирсол намудани огоҳинома дар асоси дархости хаттӣ аз андозсупоранда пешниҳоди ҳуҷҷатҳои (маълумоти) зарурӣ, аз ҷумла санади муқоисавӣ, реквизитҳои суратҳисобҳои бонкӣ, қарздорон (дебиторон), рӯйхати молу мулкро барои амалисозии чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андоз талаб менамояд. Дар ҳолати ихтиёран иҷро накардани дархости мазкур ва аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои дархостшуда, андозсупоранда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад.

35. Мақомоти андоз ҳуқуқ дорад дар ҳолати аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои дархостшуда, ки дар банди 34 Тартиби мазкур пешбинӣ гардидаанд нисбати андозсупоранда дар асоси талаботи моддаҳои 600, 607 ва 616 Кодекси ҳуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаи маъмурӣ татбиқ намояд.

36. Баъд аз ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои дар банди 35 Тартиб зикргардида, корманди мутасаддии мақомоти ҳудудии андоз оид ба хизматрасонии андозсупоранда вазифадор аст на дертар аз 1 рӯзи ба итмом расидани мӯҳлати огоҳинома, ба унвони роҳбари мақомоти ҳудудии андоз оид ба зарурати татбиқи усулҳои таъмини иҷрои уҳдадории андозӣ ва чораҳои маҷбуран ситонидани андоз нисбати андозсупоранда бо замимаи ҳуҷҷатҳои дар Тартиби мазкур пешбинишуда гузориши хаттӣ пешниҳод намояд.

37. Роҳбари мақомоти ҳудудии андоз баъди баррасии гузориш ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда дар муддати 1 рӯз корманди мутасаддии шуъбаи (бахши) ситонидани қарзи андозҳо ва ё дигар корманди мутасаддиро барои таъмини уҳдадориҳои мансабӣ ҷиҳати амалӣ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозӣ бо роҳи татбиқи

усулҳои таъмини иҷрои уҳдадории андозӣ ва чораҳои маҷбуран ситонидани андоз дастур медиҳад.

38. Баъди қабули ҳуҷҷатҳо корманди мутасаддии шуъбаи (бахши) ситонидани қарзи андозҳо ва ё дигар корманди мутасаддӣ нисбати андозсупоранда парвандаи назоратӣ оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозиро таҳия намуда, дар муҳлати 1 рӯз лоиҳаи қарори мақомоти андозро оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо тибқи барномаи компютерии СМИИА омода менамояд. Парвандаҳои назоратӣ дар дафтари қайди парвандаҳои назоратӣ дар бораи Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозии мақомоти ҳудудии андоз тибқи замимаи 4 ба Тартиби мазкур ба қайд гирифта мешаванд ва минбаъд ҳамаи ҳуҷҷатҳо оид ба маҷбуран ситонидани андоз нисбати андозсупорандаи мазкур дар ин парванда ҷамъ оварда мешаванд.

## 4. ТАРТИБИ ТАТБИҚ НАМУДАНИ УСУЛҲОИ ТАЪМИНИ ИҶРОИ УҲДАДОРИҲОИ АНДОЗӢ

### § 1. Замонат

39. Замонат мутобиқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бастани шартномаи замонат байни мақомоти андоз ва зомин тибқи замимаи 5 ба Тартиби мазкур ба расмият дароварда мешавад.

40. Шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ метавонанд зомин бошанд. Нисбат ба як уҳдадории пардохти андоз дар як вақт иштироки якчанд зомин иҷозат дода мешавад.

41. Зомин дар асоси шартномаи баимзорасондашуда уҳдадор мегардад, ки маблағи батаъхирафтодаи андози андозсупорандаро пурра пардохт намояд, агар андозсупоранда дар муҳлати муқарраршуда маблағи андозҳо ва фоизҳоро пардохт накунад.

42. Дар сурати аз ҷониби андозсупоранда иҷро нагардидани уҳдадориҳои андозии бо замонат таъминшуда андозсупоранда ва зомин барои пардохти андозҳо ҷавобгарии муштарак доранд.

43. Ҳангоми дар муҳлатҳои муқарраршуда напардохтан ё нопурра пардохтани қарзи андозии бо замонат таъминшуда, мақомоти андоз дар давоми 5 рӯз аз рӯзи ба охир расидани муҳлати пардохти қарзи андоз аз ҷониби андозсупоранда ба зомин талабнома дар бораи пардохти маблағи андозиро тибқи замимаи 6 ба Тартиби мазкур мутобиқ ба шартномаи замонат ирсол менамояд.

44. Агар зомин талабнома оид ба пардохти маблағи андозро мутобиқ ба шартномаи замонат дар муҳлати муқарраршуда иҷро накунад, мақомоти андоз бо тартиб ва дар муҳлати пешбининамудаи бобҳои 17 ва 18 Кодекси андоз чораҳо оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозиро нисбат ба зомин амалӣ менамояд.

45. Тибқи талаботи қисми 9 моддаи 121 Кодекси андоз бо дархости андозсупоранда мақомоти андоз ҳуқуқ дорад тадбирҳои муваққатӣ, аз ҷумла боздоштани амалиётҳо бо суратҳисобҳои бонкӣ ва маҳдудкунии ихтиёрдории молу мулки андозсупорандаро бо замонат, ки бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 137 Кодекси андоз ба расмият даровარда шудааст, иваз намояд.

46. Мутобиқи муқаррароти қисми 7 моддаи 110 Кодекси андоз тағйир додани муҳлати пардохти андоз бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси вакилони халқи шаҳри (ноҳияи) дахлдори дар моддаи 112 Кодекси андоз пешбинишуда, бо пешниҳоди замонат ё тибқи муқаррароти моддаи 137 Кодекси андоз иҷозат дода мешавад, агар дар боби 17 Кодекси андоз тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

47. Муносибатҳои ҳуқуқие, ки ҳангоми муқаррар намудани замонат ба сифати чораи таъмини иҷрои уҳдадории андозӣ ба миён меоянд, мутобиқи муқаррароти қонунгузории гражданӣ танзим карда мешаванд, агар қонунгузории андоз тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

48. Муқаррароти қисми 8 моддаи 137 Кодекси андоз ҳамчунин нисбат ба замонат ҳангоми анҷом додани дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва боҷҳо татбиқ карда мешаванд.

§ 2. Кафолати бонкӣ

49. Кафолати бонкӣ тибқи дархости андозсупоранда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровარда шуда, мутобиқи он ташкилоти қарзии молиявӣ (кафил) тибқи замимаи 7 ба Тартиби мазкур маблағи андози андозсупорандаро пурра пардохт менамояд, агар андозсупоранда дар муҳлати муқарраршуда маблағи андозҳо ва фоизҳоро пардохт накунад.

50. Мақомоти андоз ба сифати таъмини иҷрои уҳдадории пардохти андоз кафолати бонкеро қабул мекунад, ки аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявии ба феҳристи ташкилоти қарзии молиявии (минбаъд - феҳрист) аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои андозӣ бо тартиби муайяннамудаи ин мақом бурда мешавад, дода шудааст.

51. Мақоми ваколатдор вазифадор аст дар сомонаи расмии худ рӯйхати ташкилоти қарзии молиявии ба феҳрист дохилшударо мунтазам интишор намояд.

52. Кафолати бонкӣ бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

1) бозхостнашаванда ва ба шахси дигар вогузорнашаванда бошад. Яъне бозхонди кафолати бонкӣ аз ҷониби кафил то анҷоми муҳлати иҷро гардидани кафолат ғайриимкон буда, инчунин иҷрои он аз ҷониби кафил ба дигар субъектон вогузор карда намешавад;

2) набояд дархостҳои дигари мақомоти андоз оид ба иҷрои кафолатномаи бонкии аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ-кафил ва андозсупоранда пешниҳодшударо дар бар гирад;

3) муҳлати амали он набояд пештар аз 6 моҳ аз рӯзи ба охир расидани муҳлати муқарраршуда барои иҷрои ухдадории пардохти қарзи андозӣ аз ҷониби андозсупоранда, ки бо кафолати бонкӣ таъмин шудааст, анҷом ёбад, агар дар Кодекси андоз тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад;

4) маблағи пурраи уҳдадории андозии андозсупоранда, аз ҷумла пардохти андозҳо, ҷарима ва фоизҳоро дар бар гирад, агар дар Кодекси андоз тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад;

5) муқаррарот дар бораи аз кафил маҷбуран ситонидани маблағҳоро аз ҷониби мақомоти андоз пешбинӣ намояд, агар кафил дар муҳлати муқарраршуда талабот оид ба пардохти маблағро мутобиқи ин кафолати бонкӣ иҷро накунад.

53. Дар ҳолати дар муҳлати муқарраршуда пардохт накардан ё нопурра пардохт кардани андоз аз ҷониби андозсупоранда, ки иҷрои уҳдадории пардохти андоз бо кафолати бонкӣ таъмин карда шудааст, мақомоти андоз дар давоми 5 рӯз аз рӯзи ба охир расидани муҳлати иҷрои талабот ба кафил талабнома барои пардохт кардани маблағро тибқи замимаи 8 ба Тартиби мазкур мутобиқ ба кафолати бонкӣ ирсол менамояд.

54. Кафил уҳдадор аст, ки талабномаи мақомоти андозро оид ба пардохти маблағ дар муҳлати 5 рӯз аз рӯзи гирифтани он тибқи кафолати бонкӣ иҷро намояд. Кафил ҳуқуқ надорад, ки қонеъ гардонидани талабномаи мақомоти андозро оид ба пардохти маблағ мутобиқи кафолатномаи бонкӣ рад намояд.

55. Ситонидани маблағ аз кафил бо тартиб ва дар муҳлатҳои пешбининамудаи моддаҳои 144 ва 148 Кодекси андоз анҷом дода мешавад, агар талабномаи мақомоти андоз то ба охир расидани муҳлати кафолати бонкӣ ба кафил фиристода шуда бошад.

56. Муқаррароти пешбининамудаи моддаи 138 Кодекси андоз инчунин нисбат ба кафолатҳои бонкӣ, ки иҷрои уҳдадории пардохти фоизҳо ва ҷаримаҳоро таъмин мекунанд, татбиқ мешаванд.

57. Тибқи тартиб ва шартҳои муайяннамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадорӣ оид ба пардохти қарзи андозӣ аз ҷониби шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахси ҳуқуқии хориҷӣ метавонад бо кафолати бонкии ташкилоти қарзии молиявии хориҷии дорои рейтинги баланди агентиҳои рейтингии байналмилалӣ таъмин карда шавад. Чунин кафолати бонкӣ (бонкҳои хориҷӣ) бояд ба талаботи

пешбининамудаи зербандҳои 1)-4) банди 52 Тартиби мазкур ҷавобгӯ бошад.

§ 3. Фоизҳо

58. Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 139 Кодекси андоз фоизҳо – маблағҳои пулие, ки нисбат ба андозсупоранда ҳангоми аз ҷониби ӯ риоя нагардидани мухлати пардохти андозҳо, ки қонунгузории андоз муқаррар намудааст, ҳисоб карда мешаванд.

59. Фоизҳо новобаста ба маблағи андозҳои пардохтшаванда, амалисозии чораҳои дигар оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, инчунин чораҳои ҷавобгарӣ барои вайронкунии қонунгузории андоз, ҳисоб ва ба буҷети давлатӣ пардохт карда мешаванд.

60. Фоизҳо барои ҳар рӯзи тақвимии батаъхиргузории иҷрои уҳдадориҳои андозӣ шурӯъ аз рӯзи дигари мухлати пардохти андоз, ки қонунгузории андоз муқаррар кардааст, ҳисоб карда мешаванд, агар Кодекси андоз тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

61. Пешниҳод намудани ариза дар бораи батаъхиргузорӣ ё пардохти ба мухлатҳо ҷудошуда ҳисоб кардани фоизҳоро аз рӯи маблағҳои пардохтшавандаи андоз то лаҳзаи қабули санади дахлдор боз намедорад.

62. Нисбат ба маблағи қарзи андозии андозсупоранда, ки бинобар сабаби татбиқ гардидани чораҳои таъминотӣ дар шакли боздоштани амалиётҳо бо суратҳисобҳои бонкӣ ва ҳабси воситаҳои пулӣ дар доираи маблағҳои дар суратҳисобҳои бонкӣ ва ё хазинаи андозсупоранда мавҷудбуда пардохт нагардидааст, фоизҳо ҳисоб карда намешаванд. Дар чунин сурат барои тамоми давраи амали ҳолатҳои зикршуда фоизҳо ҳисоб карда намешаванд.

63. Тибқи ҳолатҳои дар қисми 6 моддаи 139 Кодекси андоз пешбинигардида, фоизҳо барои ҳар рӯзи батаъхиргузорӣ дар ҳаҷми 0,04 фоиз ҳисоб карда мешаванд.

64. Фоизҳо ба буҷети давлатӣ аз рӯи таъиноти андозҳо пардохт карда мешаванд.

65. Фоизҳо аз ҳисоби маблағҳои пулии суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва молу мулки дигари андозсупоранда мутобиқи бобҳои 17-18 Кодекси андоз маҷбуран ситонида мешаванд.

66. Маҷбуран ситонидани фоизҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бо тартиби пешбининамудаи моддаҳои 145-149 ва 152 Кодекси андоз ва аз шахсони воқеии дигар бо тартиби пешбининамудаи моддаи 151 Кодекси андоз анҷом дода мешавад.

67. Мутобиқи ҳолатҳои дар муқаррароти қисми 10 моддаи 139 Кодекси андоз пешбинигардида фоизҳо ҳисоб карда намешаванд.

68. Муқаррароти пешбининамудаи моддаи 139 Кодекси андоз нисбат ба агентҳои андоз татбиқ карда мешаванд.

## § 4. Боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ

69. Мутобиқи талаботи қисми 1 моддаи 140 Кодекси андоз боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (агентҳои андоз) дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ маънои қатъ кардани ҳамаи амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳо, ба истиснои суратҳисобҳои муросилотии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, пардохти музди меҳнат, дигар пардохтҳои ба он баробаркардашуда ва андозҳоро дорад.

70. Қарор дар бораи боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (агентҳои андоз) аз ҷониби шахсони мансабдори дар бандҳои 12 ва 13 Тартиби мазкур пешбинишуда тибқи замимаи 9 ба Тартиби мазкур қабул карда мешавад.

71. Қарор дар бораи боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ аз ҷониби мақомоти андоз ба ташкилоти қарзии молиявӣ ва ба ҳуҷраи шахсии андозсупоранда дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ ирсол карда мешавад.

72. Боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ аз ҷониби мақомоти андоз барои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозии ин шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (агентҳои андоз) дар мавридҳои зерин анҷом дода мешавад:

1) ҳангоми пешниҳод нагардидани ҳисоботи молиявӣ ва (ё) андозӣ ба мақомоти андоз дар давоми ду моҳи ҳисоботӣ, мавҷуд будани иттилооти мушаххас оид ба хавфи напардохтани маблағи қарзи андозӣ аз ҷониби андозсупоранда ё фирори масъулини шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии қарздор аз ҳудуди кишвар дар асоси маълумоти мақоми ваколатдори давлатӣ, супоридани дороиҳо (маблағҳои пулӣ) ба шахси дигар ё андешидани чораҳои дигаре, ки ба ситонидани андоз монеъ мешаванд, инчунин вокуниш накардани андозсупоранда ба огоҳиномаи мақомоти андоз, аз ҷумла ҳангоми воқеан истифода нагардидани суроғаи расмии ҳуқуқӣ ё пешниҳод накардани маълумот оид ба иваз кардани суроғаи расмӣ;

2) дар ҳолати аз ҷониби андозсупоранда риоя нагардидани талаботи моддаҳои 50 ва 51 Кодекси андоз .

73. Қарор дар бораи боздоштани амалиёти хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар

ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар асоси муқаррароти бандҳои 1)-3) қисми 5 моддаи 136 Кодекси андоз тибқи замимаи 10 ба Тартиби мазкур бекор карда мешавад.

74. Қарорҳои қаблан қабулнамудаи мақомоти андоз барои ташкилотҳои қарзии молиявии дахлдор ва андозсупоранда аз рӯзи фиристода шудани огоҳиномаи хаттии мақомоти андоз оид ба иҷрои онҳо тибқи замимаи 11 ба Тартиби мазкур иҷрошуда ҳисобида мешаванд.

75. Агар мақомоти андоз муҳлати бекор кардани қарор дар бораи боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда (агенти андоз) ё муҳлати ирсол намудани чунин қарорро ба ташкилоти қарзии молиявӣ риоя накунад ва ё бар хилофи муқаррароти Кодекси андоз қарор қабул кунад, барои ҳар як рӯзи тақвимии риоя нагардидани муҳлати зикршуда ва амали муҳлати қарори бархилоф қабулшуда аз маблағе, ки нисбат ба он расмиёти боздоштан амал кардааст, ба маблағи нодуруст ситонидашуда аз санаи ба буҷет ворид шудан то санаи ба суратҳисоби андозсупоранда баргардондан ба манфиати андозсупоранда фоизҳо бо меъёри дар ҳамин давра истифодашаванда ҳисоб карда мешаванд. Дар чунин ҳолатҳо фоизҳои ҳисобшуда барои пӯшонидани уҳдадориҳои андозии минбаъдаи андозсупоранда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

76. Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 142 Кодекси андоз ташкилотҳои қарзии молиявӣ уҳдадоранд қарори мақомоти андозро дар бораи боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда (агенти андоз) иҷро намоянд. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои зарари ба андозсупоранда (агенти андоз) дар натиҷаи боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда бо қарори мақомоти андоз расондашуда масъул намебошанд.

77. Боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда (агенти андоз) аз лаҳзаи аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ гирифтани қарор дар бораи боздоштани амалиётҳо то бекор гардидани қарори мазкур амал мекунад, агар дар Кодекси андоз тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

78. Ҳангоми ба ташкилоти қарзии молиявӣ дар шакли электронӣ ирсол гардидани қарори мақомоти андоз дар бораи боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо сурҳатисобҳои андозсупоранда (агенти андоз), сана ва вақти қабули қарор аз лаҳзаи ба низоми электронии ташкилоти қарзии молиявӣ ворид гардидани он ҳисоб карда мешавад .

79. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ уҳдадоранд, ки қарори мақомоти андоз ё қарори суд дар бораи боздоштани амалиётҳо бо суратҳисобҳои андозсупорандаро (агенти андозро) иҷро намоянд, инчунин ҳуқуқ

надоранд барои чунин андозсупоранда суратҳисобҳои нав, пасандозҳо (амонатҳо) кушоянд, аз суратҳисоби ӯ пули нақд диҳанд, ба истисної суратҳисобҳое, ки мутобиқи қонун ситонидани маблағҳо аз онҳо иҷозат дода намешавад. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ ӯҳдадоранд, ки ба мақомоти андоз то гирифтани огоҳиномаи хаттӣ оид ба бекор кардани қарор дар бораи боздоштани амалиётҳои хароҷотии андозсупоранда тибқи замимаи 12 ба Тартиби мазкур маълумот пешниҳод намоянд. Мақомоти андоз ҳуқуқ дорад, ки мутобиқ ба талаботи дар фасли 4 Кодекси андоз истифодагардида ва (ё) саҳеҳии маълумоти пешниҳоднамудаи ташкилотҳои қарзии молиявиро таҳти санҷиш қарор диҳад.

### § 5. Маҳдудкунии ихтиёрдории молу мулки андозсупоранда (агенти андоз)

80. Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 143 Кодекси андоз мақомоти андоз ҳуқуқ дорад ихтиёрдории молу мулки андозсупорандаро (агенти андозро) дар асоси қарор пас аз амалӣ намудани муқаррароти қисми 4 моддаи 140 Кодекси андоз ва иҷро нагардидани он маҳдуд намояд.

81. Қарор дар бораи маҳдудкунии ихтиёрдории молу мулки андозсупоранда (агенти андоз) аз ҷониби Кумитаи андоз тибқи замимаи 13 ба Тартиби мазкур қабул карда мешавад.

82. Қарор дар бораи маҳдудкунии ихтиёрдории молу мулки андозсупоранда (агенти андоз) аз ҷониби мақомоти андоз дар шакли хаттӣ ё электронӣ ба мақомоти дахлдори давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул, гарави молу мулк, мақомоти нотариалӣ ва гумрук оид ба манъ намудани амалҳои бегонакунӣ, ба гарав гузоштан ва манъ намудани амалиётҳои содиротӣ бо ин молу мулк ирсол карда мешавад. Қарор дар бораи маҳдудкунии ихтиёрдории молу мулки андозсупоранда (агенти андоз) маънои манъ намудани истифодаи чунин молу мулкро аз ҷониби андозсупоранда надорад, ба истисноu амалҳои бегонакунӣ, ба гарав гузоштан ва манъ намудани амалиётҳои содиротӣ бо ин молу мулк.

83. Иҷрои қарори мақомоти андоз дар бораи маҳдуд кардани ихтиёрдории молу мулки андозсупоранда (агенти андоз) аз ҷониби мақомоти дар қисми 3 моддаи 143 Кодекси андоз зикргардида, ки дорои ваколатҳои барасмиятдарории амалҳои бегонакунӣ, гарав ва амалиётҳои содиротӣ бо ин молу мулк мебошанд, ҳатмист.

84. Мақомоти андоз ӯҳдадор аст, ки қарор дар бораи маҳдудкунии ихтиёрдории молу мулкро ба андозсупоранда (агенти андоз) дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ ирсол намояд.

85. Қарор дар бораи маҳдудкунии ихтиёрдории молу мулки андозсупоранда бо асосҳои дар қисми 1 моддаи 141 Кодекси андоз зикргардида тибқи замимаи 14 ба Тартиби мазкур бекор карда мешавад.

86. Қарор дар бораи бекор намудани маҳдудкунии ихтиёрдории молу мулки андозсупоранда (агенти андоз) ба мақомоти дар банди 82 Тартиб пешбинишуда ва андозсупоранда дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ на дертар аз рӯзи дигари имзо шудани мактуб ё қабули чунин қарор ирсол карда мешавад.

87. Маҳдудкунии ихтиёрдории молу мулк татбиқ намегардад нисбат ба:

- объектҳои барои саломатӣ ва ҳаёт зарур;
- объектҳои энергетикӣ, гармидиҳӣ ва намудҳои дигари энергия;
- маҳсулоти озуқаворӣ ё ашёи хом, ки муҳлати истеъмол ва (ё) муҳлати нигоҳдории онҳо аз як сол зиёд намебошад;
- молу мулки ба иҷораи молиявӣ (лизинг) гирифташуда ё додашуда, инчунин ба гарав гузошташуда то ба анҷом расидани муҳлати амали шартномаи лизинг ва гарав.

88. Барои мақсадҳои дар сархати якуми банди 87 Тартиби мазкур пешбинишуда объектҳои барои саломатӣ ва ҳаёт зарур дастгоҳҳои технологӣ ва агрегатҳои ташкилотҳои таъминоти газ, барқ, гармӣ, об ва корез мебошанд, ки маҳдудият гузоштан ба онҳо боиси вайроншавии инфрасохтори муҳандисии маҳалҳои аҳолинишин мегардад.

## 5. ТАРТИБИ ТАТБИҚ НАМУДАНИ ЧОРАҲОИ МАҶБУРАН СИТОНИДАНИ ҚАРЗИ АНДОЗӢ

89. Ҳангоми дар муҳлати муқарраршуда қисман ё нопурра иҷро гардидани огоҳинома оид ба пардохти қарзи андоз қарзи мазкур бо тартиби дар боби 18 Кодекси андоз пешбинишуда маҷбуран ситонида мешавад.

90. Қарзи андози аз ҷониби андозсупоранда эътирофшуда дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси андоз аз андозсупоранда ва шахсони дигар маҷбуран ситонида мешавад.

91. Агар уҳдадории андозсупоранда оид ба пардохти андоз бо кафолати бонкӣ ё замонатдиҳии шахси сеюм таъмин гардад, ҳангоми иҷро нагардидани уҳдадориҳои андозӣ аз ҷониби андозсупоранда, мақомоти андоз маблағи қарзи андозро аз ташкилоти қарзии молиявии кафил ё зомин маҷбуран меситонад.

92. Қарзи андоз аз шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ бо тартиби пешбининамудаи моддаҳои 145-149 ва 152 Кодекси андоз маҷбуран ситонида мешавад.

93. Қарзи андоз аз шахси воқеие, ки соҳибкори инфиродӣ намебошад, бо тартиби пешбининамудаи моддаи 151 Кодекси андоз маҷбуран ситонида мешавад.

94. Қарзи андоз аз шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ дар навбати аввал аз ҳисоби маблағҳои пулии ӯ дар суратҳисобҳо дар ташкилоти қарзии молиявӣ ва дар сурати нокифоя будани онҳо, аз ҳисоби молу мулки дигари ин шахс маҷбуран ситонида мешавад.

95. Агар ситонидани қарзи андози андозсупоранда аз ҳисоби маблағҳои пулии дар суратҳисобҳои ӯ дар ташкилоти қарзии молиявӣ имконнопазир бошад, қарзи андоз дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 144 Кодекси андоз аз шахсони дигар маҷбуран ситонида мешавад.

96. Агар даромади андозсупоранда аз фурӯши мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) ё даромадҳои дигар ба суратҳисобҳои бонкии шахсони дигар ворид шуда бошанд, қарзи андози андозсупоранда метавонад аз шахсони мазкур маҷбуран ситонида шавад.

97. Агар аз лаҳзае, ки андозсупоранда аз санҷиши андозӣ огоҳ шуда, маблағҳои пулӣ ё молу мулки дигари худро ба шахсони дигар интиқол дода бошад, қарзи андозии андозсупоранда метавонад аз шахсони мазкур маҷбуран ситонида шавад.

98. Муқаррароти дар бандҳои 96 ва 97 Тартиб пешбинишуда инчунин дар ҳолатҳое амалӣ карда мешаванд, ки интиқоли даромад аз фурӯши мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) ё даромадҳои дигар ё интиқоли маблағҳои пулӣ ва молу мулки дигар ба шахсони дигар аз тариқи маҷмӯи амалиётҳо сурат гирифта бошад.

99. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи бандҳои 96-98 Тартиби мазкур қарзи андоз аз шахсони дигар дар доираи даромадҳои аз фурӯши мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) гирифтаи онҳо, даромадҳои дигари андозсупоранда, маблағҳои пулии ба онҳо додашуда, инчунин арзиши молу мулки дигар маҷбуран ситонида мешавад. Мақомоти андоз дар асоси маълумоти дар ихтиёрдошта ва вобаста ба ҳаҷми қарзи андози андозсупоранда ҳуқуқ дорад, ки теъдоди шахсони дигар ва таносуби ҳаҷми қарзи андозиро нисбат ба ҳар яки онҳо мустақилона муайян намояд ва маҷбуран ситонад.

100. Ситонидани қарзи андози эътирофнакардаи андозсупоранда аз суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда мутобиқи муқаррароти моддаи 152 Кодекси андоз танҳо бо тартиби судӣ анҷом дода мешавад. Дар ҳолати аз ҷониби андозсупоранда эътироф шудани маблағи қарзи андозӣ ситонидани қарзи андоз аз суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда аз ҷониби мақомоти андоз мутобиқи муқаррароти моддаи 145 Кодекси андоз ба амал бароварда мешавад.

101. Муқаррароти боби 18 Кодекси андоз, инчунин нисбат ба ситонидани қарзҳои андоз дар робита бо интиқоли молҳо аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбат ба агентони андоз низ татбиқ карда мешаванд.

§ 1. Маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз суратҳисобҳои бонкӣ

102. Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 145 Кодекси андоз ҳангоми дар муҳлати муқарраршуда қисман ё пурра иҷро нагардидани талаботи огоҳинома оид ба пардохти қарзи андоз, маблағи қарзи андоз аз суратҳисобҳои бонкии (аз ҷумла маблағҳо дар кортҳои корпоративии) андозсупоранда маҷбуран ситонида мешавад. Муқаррароти моддаи зикргардида танҳо нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ татбиқ карда мешаванд.

103. Тартиби маҷбуран ситонидани қарзи андози андозсупоранда ё агенти андоз, ки дар муқаррароти моддаи зикргрдида, моддаҳои 146-149 ва 152 Кодекси андоз пешбинӣ шудааст, нисбат ба шахсони дигар низ татбиқ карда мешавад.

104. Ситонидани қарзи андоз аз суратҳисоби андозсупоранда тавассути ирсоли қарори мақомоти андоз, супоришномаи инкассавӣ ва санади муқоисавии бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби мақомоти андоз ва андозсупоранда дар шакли хаттӣ ё электронӣ тасдиқшуда ба ташкилоти қарзии молиявӣ амалӣ карда мешавад. Ситонидани қарзи андоз аз суратҳисоби андозсупорандагоне, ки ба номгӯи андозсупорандагони бемасъулият ворид гардидаанд, тавассути ирсоли қарори мақомоти андоз ва супоришномаи инкассавӣ ба ташкилоти қарзии молиявӣ амалӣ карда мешавад.

105. Ташкилоти қарзии молиявӣ уҳдадор аст супоришномаи инкассавии мақомоти андозро дар барои аз суратҳисоби андозсупоранда ситонидани қарзи андозиро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории гражданӣ иҷро намояд.

106. Аз ҷониби мақомоти андоз тартиби иҷро ва бекор кардани қарор дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз суратҳисоби бонкии андозсупоранда ва дебиторони андозсупоранда, шакл ва тартиби ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ирсол намудани супоришномаи инкассавии мақомоти андоз дар асоси Тартиби иҷро ва бекор кардани қарор, ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ирсол намудани супоришномаи инкассавии мақомоти андоз, ки бо фармоиши Кумитаи андоз аз 15 феврали соли 2022, №8-ф тасдиқ карда шуда ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 марти соли 2022, №1146 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, муайян карда мешавад.

107. Қарзи андозӣ аз суратҳисоби амонатии дархостӣ бо пули миллӣ ва дар сурати нокифоя будани маблағ, аз суратҳисоби амонатии асъории дархостии андозсупоранда ситонида мешавад. Қарзи андозӣ аз суратҳисоби асъории андозсупоранда аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон ба андозае ситонида мешавад, ки барои пардохти қарзи андозӣ кифоя бошад. Ситонидани қарзи андозӣ аз суратҳисобҳои амонатии муҳлатноки андозсупоранда то ба охир расидани муҳлати амали онҳо манъ аст.

108. Ҳангоми аз суратҳисоби асъории андозсупоранда ситонидани қарзи андоз мақомоти андоз ҳамзамон бо супоришномаи инкассавӣ қарори дорои маълумот оид ба фурӯши асъори андозсупорандаро ба ташкилоти қарзии молиявӣ ирсол менамояд. Ташкилоти қарзии молиявӣ уҳдадор аст фармоиши мазкурро на дертар аз рӯзи ояндаи корӣ иҷро намояд. Пардохти хароҷоти амалиётии марбут ба фурӯши асъор аз ҳисоби андозсупоранда анҷом дода мешавад.

109. Ташкилоти қарзии молиявӣ уҳдадор аст супоришномаи инкассавии мақомоти андозро, ки бо риояи талаботи моддаи 145 Кодекси андоз ирсол шудааст, аз суратҳисоби бонкии андозсупоранда бо пули миллӣ дар муҳлати на дертар аз як рӯзи корӣ пас аз гирифтани супоришномаи инкассавӣ ва ҳангоми аз суратҳисобҳои асъор ситонидани маблағҳои пулӣ на дертар аз ду рӯзи корӣ иҷро намояд.

110. Агар дар рӯзи ба ташкилоти қарзии молиявӣ ворид шудани супоришномаи инкассавии мақомоти андоз дар суратҳисоби андозсупоранда барои иҷрои ин дархост маблағҳои пулӣ нокифоя бошанд, он ба андозаи воридшавии маблағҳои пулӣ ба суратҳисобҳои мазкур на дертар аз як ё ду рӯзи корӣ баъд аз рӯзи воридшавии чунин дархост вобаста аз асъори суратҳисоб, иҷро мешавад. Супоришномаи инкассавии мақомоти андоз аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ бо тартиби дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда анҷом дода мешавад.

### § 2. Маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз суратҳисоби бонкии қарздорон (дебиторон)-и андозсупоранда

111. Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 146 Кодекси андоз ҳангоми имконнопазир будани ситонидани қарзи андоз аз суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда, мақомоти андоз ҳуқуқ дорад маблағи қарзи андозро аз суратҳисобҳои дебиторони андозсупоранда ситонад, аммо маблағи ситонидашаванда набояд аз уҳдадории андозии андозсупоранда зиёд бошад. Маблағи қарзи андоз аз суратҳисобҳои бонкии дебиторони андозсупоранда дар асоси қарори мақомоти андоз ситонида мешавад.

112. Андозсупоранда (агенти андоз) уҳдадор аст дар муҳлати 10 рӯзи корӣ аз санаи гирифтани дархост рӯйхати дебиторони худро бо нишон додани маблағи қарзи дебиторӣ ба мақомоти андози дархосткунанда пешниҳод намояд. Дар асоси рӯйхати дебиторони андозсупоранда ва (ё) ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи чунин қарздорӣ мақомоти андоз ба дебиторони андозсупоранда огоҳинома тибқи замимаи 15 ба Тартиби мазкур ирсол менамояд.

113. Карздорон (дебиторон)-и андозсупоранда уҳдадоранд дар муҳлати 20 рӯзи корӣ аз санаи гирифтани огоҳинома ба мақомоти андози огоҳиномаро ирсолнамуда санади муқоисавии ҳисоббаробаркуниро бо андозсупоранда (агенти андоз) пешниҳод намоянд.

114. Санади муқоисавии ҳисоббаробаркунии байни андозсупоранда ва қарздорон (дебиторон)-и ӯ бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

1) ном ва рақами мушаххаси андозсупоранда (агенти андоз) ва қарздорон (дебиторон)-и ӯ;

2) маблағи қарзи қарздорон (дебиторон)дар назди андозсупоранда (агенти андоз);

3) маълумоти шахсӣ, муҳр ва имзои андозсупоранда (агенти андоз) ё имзои электронии рақамии андозсупоранда ва қарздорон (дебиторон)-и ӯ;

4) реквизитҳои бонкии андозсупоранда ва қарздорон (дебиторон)-и ӯ;

5) санаи таҳияи санади муқоисавӣ.

115. Санади муқоисавии ҳисоббаробаркунии байни андозсупоранда ва қарздорони (дебиторони) ӯ бояд баъд аз санаи гирифтани огоҳинома тартиб дода шавад. Дар ҳолати иҷро накардани талаботи огоҳиномаи зикргардида ва пешниҳод нагардидани маълумоти дархостшуда, қарздор (дебитор) тибқи талаботи моддаҳои 600, 607 ва 616 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад.

116. Қарори мақомоти андоз дар бораи ситонидани маблағи қарзи андоз аз суратҳисобҳои бонкии қарздорони (дебиторони) андозсупоранда дар шакли хаттӣ ё электронӣ барои иҷро ба ташкилотҳои қарзӣ ва қарздорон (дебиторон) ирсол карда мешавад. Ташкилоти қарзии молиявӣ уҳдадор аст, ки қарор ва супоришномаи инкассавии мақомоти андозро дар бораи ситонидани қарзи андозӣ аз суратҳисоби бонкии қарздорони (дебиторони) андозсупоранда иҷро намояд.

117. Дар сурати пурра пардохт гардидани маблағи қарз аз ҷониби қарздорон (дебиторон), қарор ва супоришномаи инкассавии мақомоти андоз дар давоми 2 рӯзи корӣ бозхонд карда мешавад. Агар аз суратҳисобҳои бонкии дебиторони андозсупоранда маблағ барзиёд ситонида шуда бошад, маблағи барзиёд ситонидашуда аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси аризаи андозсупоранда ба қарздорон (дебиторон) баргардонда мешавад.

118. Тартиби боздоштан ва бекор намудани қарор дар бораи ситонидани маблағи қарзи андозӣ аз суратҳисобҳои бонкии дебиторони андозсупоранда дар асоси моддаҳои 136 ва 145 Кодекси андоз бо қарори мақомоти андоз амалӣ карда мешавад.

### § 3. Маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз маблағҳои пулии нақди андозсупоранда

119. Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 147 Кодекси андоз дар ҳолати мавҷуд набудани маблағҳои пулӣ дар суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда ё нокифоя будани маблағҳои пулӣ барои пардохти қарзи андозӣ, мақомоти андоз метавонад маблағи қарзи андозиро дар ҳаҷми на зиёдтар аз уҳдадории андозӣ аз маблағҳои пулии дар хазинаи андозсупоранда мавҷудбуда ситонад. Агар дар суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда барои пӯшонидани уҳдадориҳои андозсупоранда маблағи кофӣ набошад ё мақомоти андоз ба таври асоснок чунин шуморад, ки ситонидани андоз аз суратҳисобҳои бонкии он метавонад ба таъхир гузошта шавад, мақомоти андоз ҳуқуқ дорад илова ба ҳама гуна амалҳое, ки мутобиқи моддаи 144 Кодекси андоз анҷом дода шудаанд, қарзи андозиро ба миқдори на зиёдтар аз уҳдадории андозӣ аз ҳисоби маблағҳои дар хазинаи андозсупоранда мавҷудбуда ситонад. Қарор оид ба ситонидани қарзи андозҳо аз маблағҳои пулии нақди андозсупоранда аз ҷониби мақомоти андоз тибқи замимаҳои 16 ва 17 ба Тартиби мазкур бо риояи муқаррароти Кодекси андоз қабул ва бекор карда мешавад.

120. Баъди қабул гардидани қарори мақомоти андоз оид ба ситонидани қарзи андозҳо аз маблағҳои пулии нақди андозсупоранда, нусхаи қарор ба андозсупоранда барои иҷро супорида мешавад. Аз лаҳзаи гирифтани қарор андозсупоранда уҳдадор аст, ки ҳамаи маблағҳои пулии нақди ба хазинаи ӯ воридшавандаро (ба истисноӣ маблағҳои пулии нақди барои пардохти музди меҳнат ва пардохтҳои ба он баробар кардашуда) танҳо барои пӯшонидани қарзҳои андоз равона намояд. Шахси мансабдори мақомоти андоз, дар ҳузури хазиначӣ инвентаризатсияи маблағҳои пулии нақди дар хазинаи андозсупоранда мавҷудбударо мегузаронад.

121. Ҳангоми иҷрои қарор оид ба ситонидани қарзи андоз аз маблағҳои пулии нақди андозсупоранда аз ҷониби корманди мақомоти андоз санад дар бораи бақияи маблағҳои пулии нақд дар хазинаи андозсупоранда тибқи замимаи 18 ба Тартиби мазкур тартиб дода мешавад. Дар баробари ин андозсупоранда ё шахси масъули ӯ ба таври хаттӣ иҷрои талаботи мазкурро тасдиқ карда, дар ин хусус уҳдадорӣ мегиранд. Аз хазинаи андозсупоранда гирифтани маблағҳои пулии нақди андозсупоранда аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси талаботи моддаи 147

Кодекси андоз анҷом дода шуда, дар ин хусус санад дар се нусха дар ҳузури андозсупоранда ё намояндаи ӯ, шахсони холис бо нишон додани тамоми маблағи дарёфтшуда тартиб дода мешавад. Маблағи мазкур аз ҷониби мақомоти андоз худи ҳамон рӯз барои ба буҷети дахлдор гузаронидан ба ташкилоти қарзии молиявӣ супорида мешавад.

122. То пӯшонидани чунин қарзи андоз андозсупоранда ҳуқуқ надорад пардохтҳои дигарро, ба истиснои пардохти музди меҳнат ва пардохтҳои ба он баробаркардашуда, амалӣ намояд.

§ 4. Ҳабси молу мулк ва ба фурӯш баровардани он

123. Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 148 Кодекси андоз ҳабси молу мулк ва ба фурӯш баровардани он амали мақомоти андоз ҷиҳати маҳдуд намудани ҳуқуқи моликияти андозсупоранда ва ситонидани қарзи андозӣ мебошад.

124. Ҳабси молу мулки андозсупоранда ва ба фурӯш баровардани онҳо барои пардохти қарзи андозе, ки андозсупоранда эътироф намудааст, бо қарори мақомоти андоз тибқи замимаи 19 ба Тартиби мазкур амалӣ карда мешавад. Дар сурати эътироф нагардидани қарзи андозӣ аз ҷониби андозсупоранда, ҳабси молу мулки андозсупоранда ва ба фурӯш баровардани он бо тартиби судӣ амалӣ карда мешавад. Қисман ё пурра ҳабс намудани молу мулк маҳдуд кардани ҳуқуқи андозсупоранда ба ихтиёрдории молу мулки ҳабсшуда мебошад. Дар ин ҳолат соҳибӣ ва истифодаи молу мулки ҳабсшуда бо иҷозати хаттӣ ва таҳти назорати мақомоти андоз амалӣ карда мешаванд.

125. Ҳабси молу мулк ва ба фурӯш баровардани онҳо танҳо дар ҳолати нокифоя будан ё набудани маблағ дар суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда ё пули нақд дар хазина барои иҷрои уҳдадории андозӣ (қарзи андозӣ, фоизҳо, ҷаримаҳо) амалӣ карда мешаванд. Ҳабси молу мулк ва ба фурӯш баровардани онҳо баъд аз ирсол гардидани огоҳинома ба андозсупоранда аз ҷониби мақомоти андоз мутобиқи муқаррароти моддаи 133 Кодекси андоз амалӣ карда мешаванд. Танҳо он дороиҳое ҳабс ва фурӯхта мешаванд, ки арзиши онҳо барои пардохт кардани қарзи андозӣ кофӣ мебошад. Барои таъмини иҷрои уҳдадории андозӣ тамоми молу мулки ҳабсшудаи андозсупоранда метавонанд фурӯхта шаванд. Ҳабси воситаҳои асосии корхонаҳои давлатӣ манъ аст. Ҳабс ва ба фурӯш баровардани молу мулки ғайриманқули шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе таъсиси муассисаи доимӣ фаъолият менамояд, нисбат ба молу мулки ин шахси хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

126. Ҳабси молу мулк нисбати инҳо татбиқ мегардад:

- воситаҳои пулии накд, аз ҷумла бо асъори хориҷӣ, ки дар хазина ё тахти ҷавобгарии шахсон (кормандон)-и мансабдори андозсупоранда қарор доранд . Асъори хориҷие, ки дар таркиби молу мулки ба ҳабс гирифташуда қарор дорад, бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон барои мубодила ба асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати на дертар аз рӯзи минбаъдаи бонкӣ супорида шуда, якҷоя бо маблағҳои пулии миллии накди ба ҳабс гирифташуда барои пӯшонидани уҳдадориҳои андози андозсупоранда  ба буҷет гузаронида шавад;

- молу мулке, ки бевосита дар истеҳсоли маҳсулот (молҳо) иштирок надоранд, аз ҷумла, коғазҳои қиматнок, воситаҳои арзӣ, наклиёти автомобилии сабукрав, маводи ороишии биноҳои хизматӣ (маъмурӣ) ва биноҳои ғайриистеҳсолӣ, дигар намуди молу мулки бозоргир ва ғайра;

- маҳсулоти тайёр (молҳо), инчунин дигар арзишҳои моддие, ки барои истифодаи бевосита дар истеҳсолот пешбинӣ нашудаанд;

- ашёи хом ва маводе, ки барои истифодаи бевосита дар истеҳсолот пешбинӣ шуданд, инчунин дастгоҳҳо, таҷҳизот, бино, иншоот ва  дигар воситаҳои асосӣ. Дастгоҳҳо, таҷҳизот, бино, иншоот ва дигар воситаҳои асосии корхонаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ ба ҳабс гирифта намешаванд.

- молу мулки дигар.

127. Ҳабси молу мулки андозсупоранда бо иштироки андозсупоранда (намояндаи ваколатдори ӯ), шахсони холис ва дар сурати саркашии андозсупоранда, бо ҷалби намояндаи мақомоти корҳои дохилӣ амалӣ карда мешавад. Ба шахсоне, ки дар ҷараёни ҳабси молу мулк ҳамчун шахсони холис иштирок мекунанд, инчунин андозсупоранда ё намояндаи ваколатдори андозсупоранда ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо фаҳмонида мешаванд. То гузаронидани ҳабси молу мулк, шахсони мансабдори мақомоти андоз уҳдадоранд, ки ба андозсупоранда (намояндаи ӯ) қарор дар бораи ҳабс ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ваколатҳои онҳоро пешниҳод намоянд. Дар ҳолати монеъ шудан ба воридшавии шахси мансабдори мақомоти андоз ба ҳудуди корхона ё бино, муқобилият кардани андозсупоранда ё намояндаи ӯ барои муоинаи молу мулк ва ҳабси он, ҷойҳои дахлдор (биноҳо, анборҳо, сандуқҳо ва ғайра) андозсупоранда тибқи талаботи моддаи 612 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад.

128. Ҳангоми гузаронидани ҳабс аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти андоз протоколи ҳабси молу мулк тибқи замимаи 20 ба Тартиби мазкур тартиб дода мешавад. Протоколи ҳабси молу мулк ва руйхати молу мулки (маҳсулоти тайёр) ба он замимашаванда бояд номгӯи молу мулки ҳабсшуда бо ишораи ном, миқдор ва хусусиятҳои инфиродии ашё ва ба қадри имкон арзиши онҳоро тибқи муқаррароти замимаи 21 ба

Тартиби мазкур дар бар гирад. Шахсони холис ва андозсупоранда (намояндаи ӯ) бо ҳамаи ашёи ҳабсшаванда шиносонида мешаванд.

129. Дар қарор оид ба ҳабси молу мулк ва ба фурӯш баровардани он макони нигоҳдории молу мулки ҳабсшаванда муқаррар карда мешавад. Ба бегона кардан (ба истиснои ҳолате, ки бегонакунӣ таҳти назорат ё бо иҷозати хаттӣ ё электронии мақомоти андозе, ки ҳабсро амалӣ кардааст, гузаронида мешавад) ё харҷ намудани молу мулки ҳабсшуда роҳ дода намешавад. Бо дархости андозсупоранда, ки нисбат ба молу мулки ӯ қарор дар бораи ҳабс қабул шудааст, мақомоти андоз ҳуқуқ дорад, ки ҳабси молу мулк ва ба фурӯш баровардани онро бо кафолати бонкӣ ва ё замонат мутобиқи муқаррароти моддаҳои 137 ва 138 Кодекси андоз иваз намояд.

130. Дар сурати маълумот доштани мақомоти андоз дар бораи ниятҳои андозсупоранда вобаста ба пинҳон намудан ё андешидани дигар амалҳое, ки иҷрои қарори мақомоти андозро дар бораи ҳабси молу мулк мураккаб ё имконнопазир мегардонанд, мақомоти андоз ҳуқуқ дорад ҳабси молу мулки чунин андозсупорандаро дар вақти ғайрикорӣ анҷом диҳад. Мақоми андоз мустақилона нигоҳдошти молу мулки хабсшударо таъмин менамояд ё дар асоси шартнома барои нигоҳдошт ба шахси сеюм медиҳад, ё дар ҳолатҳои алоҳида молу мулки ҳабсшударо барои нигоҳдошт ба худи андозсупоранда месупорад. Шахсе, ки молу мулки ҳабсшуда ба ӯ супорида мешавад, барои ҳифзи молу мулки ҳабсшуда тибқи талаботи моддаи 613 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад. Аз шахсони барои нигоҳдошти молу мулки ҳабсшуда масъул, барои нигоҳдошти муваққатӣ, тибқи замимаи 22 ба Тартиби мазкур забонхат гирифта мешавад.

131. Мақомоти андоз уҳдадор аст, ки мақомоти дахлдори давлатии дигарро дар бораи манъи истифодаи ҳама гуна амалҳо нисбат ба молу мулки ҳабсшудаи андозсупоранда тибқи замимаи 23 ба Тартиби мазкур огоҳ намояд. Манъи ҳама гуна амал нисбат ба молу мулки ҳабсшуда мутобиқи қисми 21 моддаи 148 Кодекси андоз барои ҳамаи мақомоти давлатӣ ҳатмӣ мебошад. Аз ҷониби мақомоти дар қисми 22 моддаи 148 Кодекси андоз пешбинигардида риоя нагардидани талаботи моддаи мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарии маъмурӣ мегардад.

132. Ҳангоми пурра пардохт намудани қарзи андоз, пешниҳоди кафолати бонкӣ ва ё замонат, қарор дар бораи ҳабси молу мулк аз ҷониби мақомоти андоз тибқи замимаи 24 ба Тартиби мазкур бекор карда мешавад. Мақомоти андоз андозсупорандаро оид ба бекор кардани қарор дар бораи ҳабси молу мулк дар давоми 3 рӯз пас аз рӯзи қабул кардани чунин қарор огоҳ менамояд. Қарор дар бораи ҳабси молу мулк аз лаҳзаи

ҳабс то лаҳзаи бекор гардидани қарор аз ҷониби мақомоти андоз ё мақомоти судӣ амал мекунад. Муқаррароти моддаи 148 Кодекси андоз инчунин ба ҳабси молу мулки шахси ҳуқуқӣ – агенти андоз татбиқ карда мешаванд.

133. Баҳодиҳии молу мулки ҳабсшуда аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳӣ, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои анҷом додани фаъолияти баҳодиҳӣ иҷозатнома доранд, амалӣ карда мешавад.

134. Фурӯши маҳсулоти тайёр (молҳо), маҳсулоти кишоварзӣ (ба истиснои маҳсулоти зудвайроншаванда), инчунин арзишҳои моддии ҳабсшудаи дигаре, ки барои истифодаи бевосита дар истеҳсолот пешбинӣ нашудаанд, тавассути музояда ба амал бароварда мешавад. Арзиши коғазҳои қиматнок, маснуоти заргарӣ, маҳсулоти дигар аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ашёи атиқа, асарҳои санъати тасвирӣ ва ҳайкалҳои ҳабсшуда бо ҷалби ҳатмии мутахассисони ин соҳаҳо муайян карда мешавад.

135. Молу мулки ҳабсшудаи андозсупоранда мутобиқи Кодекси андоз, қонунгузории дахлдор ва тартиби амалӣ намудани усулҳо ва чораҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ аз ҷониби мақомоти андоз дар музояда фурӯхта мешаванд.

## 6. ТАРТИБИ ГУЗАРОНДАНИ МУЗОЯДАИ ФУРӮШИ МОЛУ МУЛКИ ҲАБСГАРДИДАИ АНДОЗСУПОРАНДА ВА ТАЪСИСИ КОМИССИЯИ МУЗОЯДАВӢ

136. Барои фурӯш дар музояда ҳуҷҷатҳои зерин омода карда мешаванд:

- қарор дар бораи ҳабси молу мулки андозсупоранда ва ба фурӯш баровардани он;
- нусхаи протоколи ҳабс ва руйхати молу мулки ҳабсшудаи андозсупоранда;
- нусхаҳои ҳуҷҷатҳои таъсисии андозсупоранда (шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ);
- санади нархгузории объект;
- шиносномаи техникии объекти фурӯш ё ҳуҷҷати дигари нишондиҳандаи ҳолати техникии объект.

137. Ҳангоми фурӯхтани молу мулки қарздор дар музояда мақоми андоз уҳдадор аст ба воситаи матбуоти даврие, ки ҳуқуқи нашри ахбороти расмиро дорад, дар бораи музоядаи барпошаванда тибқи замимаи 25 ба Тартиби мазкур на дертар аз даҳ рӯз то гузаронидани савдо тавассути музояда эълон менамояд.

138. Шахсоне, ки дар музояда иштирок кардан мехоҳанд, уҳдадоранд ба комиссияи музоядаи мақоми андоз дар ҳаҷми 5 фоизи арзиши нархи молу мулке, ки хоҳиши харидан дорад, маблағи кафолатӣ (пешпардохт) супоранд. Супоридани пардохти кафолатӣ аз рӯзи нашри хабари иттилоотӣ оғоз шуда, як соат пеш аз оғози музояда қатъ мешавад. Маблағи кафолатӣ (пешпардохт) аз ҷониби комиссияи музояда дар асоси ордери даромади хазина қабул карда шуда, дар китоби қайди иштирокчиёни музояда ба қайд гирифта мешавад. Маблағи кафолатии супоридаи шахси дар музояда ғолибомада ба ҳисоби нархи харид дохил мешавад. Ба иштирокчиёни боқимонда маблағи кафолатии онҳо пас аз анҷоми музояда, дар давоми панҷ рӯзи бонкӣ дар асоси ордери хароҷотии хазина баргардонида мешавад. Қабул ва баргардондани маблағи кафолатӣ дар дафтари қайди иштирокчиёни музояда тибқи замимаи 26 ба Тартиби мазкур ба қайд гирифта мешавад.

139. Пардохти кафолатӣ дар ҳолатҳои зерин баргардонда намешавад:

- даст кашидани ғолиб аз имзои протоколи натиҷаҳои музояда ё аз бастани шартномаи хариду фурӯш;
- иҷро накардан ё иҷрои нокифояи уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш;
- ҳангоми пешниҳоди нархи ба андозаи аз ҳаҷми панҷкаратаи нархи ибтидоии объект камтар дар музоядаи пӯшида аз ҷониби иштироккунанда.

140. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи банди 139 Тартиби мазкур маблағи пардохти кафолатӣ ба суратҳисоби буҷети маҳаллӣ ҳамчун пардохти ғайриандозӣ гузаронида мешавад.

141. Барои амалӣ кардани назорати рафти ташкил ва гузарондани музояда оид ба фурӯши молу мулки андозсупоранда мақомоти андоз комиссияро дар ҳайати на камтар аз 5 нафар таъсис медиҳад. Ҳайати комиссия ва музоядачӣ бо фармоиши раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Қарорҳои комиссия бо овозҳои аксарияти аъзои ҳузурдоштаи комиссия қабул карда мешаванд. Ҳангоми баробар будани овозҳо, овози раиси комиссия ҳалкунанда мебошад. Комиссия ҳамон вақт салоҳиятнок ҳисоб мешавад, ки дар кори он на кам аз чор нафар аъзо иштирок намоянд. Раиси комиссия тартиби кори комиссияро муайян менамояд.

142. Агар дар марҳилаи омодагӣ ба музояда андозсупоранда маблағи қарзи андоз, ҷарима ва фоизҳо, инчунин хароҷоти марбут ба музоядаро пурра пардохт намояд, барпошавии музояда бекор карда мешавад ва объект аз савдо гирифта мешавад. Дар ин ҳолат маблағи кафолатии иштироккунандагон дар ҳаҷми пурра баргардонда мешавад.

143. Ба қайд гирифтани иштироккунандагони музояда аз рӯзи интишори хабари иттилоотӣ дар матбуоти ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ оғоз шуда, як соат пеш аз саршавии музояда ба поён мерасад. Барои аз қайд гузаштан ба сифати иштироккунанда шахси воқеӣ шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи шахсият, рақами мушаххаси андозсупоранда, нусхаи аслии ҳуҷҷати пардохт, ки супоридани пардохти кафолатиро тасдиқ мекунад, инчунин дар ҳолати намояндагӣ кардан, ваколатномаи тавассути нотариус тасдиқшуда, ки салоҳияти ӯро тасдиқ мекунад, бояд пешниҳод кунад. Барои аз қайд гузаштан ба сифати иштироккунанда шахси ҳуқуқӣ нусхаи аслии ҳуҷҷати пардохт, ки супоридани пардохти кафолатиро тасдиқ мекунад, ҳуҷҷате, ки аз ҷониби шахси аввали мансабдори шахси ҳуқуқӣ имзо ва бо муҳр тасдиқ шудааст ва ваколатҳои намояндаи шахси ҳуқуқиро тасдиқ менамояд, нусхаҳои хуҷҷатҳои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ, инчунин дар ҳолати иштироки шахси аввал нусхаи фармон ё қарори маҷлиси умумӣ дар бораи ба мансаб таъин шудани ӯро бояд пешниҳод намояд. Ба шахсе, ки ба комиссия музоядавӣ дархост дода аз қайд гузаштааст, корти музоядавӣ ва рақами музоядавӣ тибқи талаботи замимаҳои 27-28 ба Тартиби мазкур таҳия гардида, дода мешавад ва баъди ба поён расидани музояда иштироккунандагон рақами музоядавиро месупоранд. Истифода бурдани рақами музоядавӣ аз ҷониби шахси дигар дар ҷараёни музояда манъ аст.

144. Музояда дар сурати иштироки на камтар аз ду нафар иштироккунанда ба ҳар як объекти фурӯш гузаронда мешавад. Музояда дар мақомоти андоз ва (ё) маҳалли ҷойгиршавии молу мулки ҳабсшуда гузаронда мешавад. Иштироккунандагон ба толори музояда бо манзур намудани ҳуҷҷати пардохти маблағи кафолатӣ ва шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи шахсият роҳ дода мешаванд.

145. Музоядаро музоядачӣ мегузаронад. Музояда аз эълони қоидаҳои гузарондани музояда оғоз мешавад. Музояда аз рӯи ҳар як молу мулк бо эълони музоядачӣ дар бораи объекти фурӯш, тавсифи кӯтоҳи он, усули гузарондани музояда, нархи ибтидоӣ ва қадами тағйирёбии нарх оғоз мешавад. Мунтазамии гузоштани объекти фурӯш дар музояда бояд ба тартиби дар хабари иттилоотӣ муқарраршуда мувофиқат кунад.

146. Ду қадами якуми тағйирёбии нархҳо дар ҳаҷми 5 фоиз аз нархи ибтидоии объект муқаррар мешавад. Музоядачӣ ҳуқуқ дорад мустақилона қадамҳои минбаъдаро эълон намуда, нархро дар доираи аз 5 фоиз то 10 фоиз тағйир диҳад.

147. Иштироккунандагон ва шахсони ҳузурдошта, ки ба рафти музояда кӯшиши таъсир расондан доранд ё қоидаҳои гузарондани онро вайрон мекунанд, мувофиқи қарори комиссияи музоядавӣ аз толори

баргузории музояда баровarда шуда, ба муҳлати дувоздаҳ моҳ аз ҳуқуқи иштирок дар музояда маҳрум карда мешаванд.

148. Натиҷаҳои музояда аз рӯи ҳар як объекти фурӯхташуда бо протоколи аз ҷониби комиссияи музоядавӣ, музоядачӣ ва ғолиб имзошуда баъди ба поён расидани музояда аз рӯи ҳар объект алоҳида тибқи замимаи 29 ба Тартиби мазкур таҳия карда мешавад. Музоядачӣ ҳуқуқ дорад барои ба имзо расондани протокол танаффус эълон намояд. Як нусхаи протокол ба харидор дода мешавад. Протокол дар 4 нусха таҳия гардида, ба соҳиби молу мулк, харидор, комиссияи музоядавӣ ва мақомоти андоз як нусхагӣ пешниҳод карда мешавад. Протоколи натиҷаҳои музояда аз рӯи молу мулки мазкур ҳуҷҷатест, ки натиҷаҳои музояда, инчунин уҳдадории ғолиб ва фурӯшандаро барои аз рӯи нархи фурӯш ҷиҳати бастани шартномаи хариду фурӯши нисбати объекти ба фурӯш гузошташуда тибқи замимаи 30 ба Тартиби мазкур қайд менамояд. Дар сурати даст кашидани ғолиби музояда аз имзо намудан ба протоколи натиҷаи музояда ё бастани шартномаи хариду фурӯш, объекти фурӯхташуда ба музояда аз нав дар ҳамон сатҳ гузошта мешавад.

149. Дар музояда ба сифати нозирон ҳуқуқ доранд намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок намоянд. Аз рӯи натиҷаи ҳар музояда протоколи ҷамъбастӣ бо шакли пешбинигардидаи замимаи 31 ба Тартиби мазкур омода карда мешавад.

150. Музоядаи англисӣ. Музоядачӣ нархи ибтидоии молу мулк ва қадами зиёдкунии нархро эълон мекунад. Дар сурате, ки ду ё зиёда иштироккунанда рақамҳои худро дар як вақт боло мекунанд, музоядачӣ нархи ибтидоиро ба қадами эълоншуда баланд мекунад. Музоядачӣ рақамҳои музоядавии иштироккунандагони музоядаро эълон менамояд, нархро устувор намуда баландкунии онро пешниҳод мекунад.

151. Музояда то ҳамон лаҳзае давом мекунад, ки аз байни иштироккунандагон яке аз онҳо нархи баландтаринро пешниҳод намояд. Музоядачӣ бо натиҷаи ҳолати мазкур рақами музоядавии иштироккунандаеро, ки нархи баландтаринро пешниҳод намудааст, эълон мекунад.

152. Музоядачӣ се маротиба нархи охиринро такрор намуда баъди пешниҳод нагардидани рақамҳои болошуда фурӯхта шудани молу мулки ба музояда гузошташударо эълон мекунад.

153. Ҳангоми дар ҳаҷми 5 маротиба зиёд шудани нархи ибтидоии молу мулки ба музояда гузошташуда, комиссияи музоядавӣ музоядаро боз дошта , музоядаи пӯшида оғоз менамояд. Музоядаи пӯшида ҳамон рӯз баъди ба поён расидани музояда гузаронда мешавад.

154. Ҳангоми гузарондани музоядаи пӯшида иштироккунандагон нархи объекти мазкурро ба таври хаттӣ дар лифофаи сарпӯшида тибқи замимаи 32 ба Тартиби мазкур пешниҳод менамоянд.

155. Комиссия бо пешниҳоди иштироккунандагон лифофаҳоро дар ҳузури онҳо худи ҳамон рӯз мекушояд. Нархи дар лифофа нишондодашуда бояд аз ҳаҷми панҷкаратаи нархи ибтидоӣ кам набошад. Иштироккунандае, ки нархи баландтаринро пешниҳод намудааст, ғолиби музояда дониста мешавад.

156. Музоядаи ҳолландӣ. Музоядачӣ нархи ибтидоии объектро эълон намуда харидани онро ба иштироккунандагон пешниҳод мекунад.

157. Агар ҳангоми эълон намудани нархи ибтидоӣ ду ва ё иштироккунандагони зиёдтари хоҳишманди харидани молу мулки мазкур рақамҳои музоядавии худро боло кунанд, музоядачӣ музоядаро аз рӯи қоидаҳои музоядаи англисӣ шуруъ менамояд.

158. Агар баъди эълон намудани нархи ибтидоӣ хоҳишмандон барои харидории он пайдо нашаванд, музоядачӣ нархро ба бузургии қадами қайдшуда паст карда нархи навро эълон менамояд.

159. Музоядачӣ рақами шахсеро, ки аввалин шуда рақами музоядавиашро ҳангоми нархи эълоншуда бардоштааст, номбар намуда, бо зарбаи болғача ӯро ғолиби музояда эълон мекунад.

160. Дар ҳолате, ки ду ва ё иштироккунандагони зиёдтар рақамҳои худро боло кардаанд, қарор оиди ба ки аввалин шуда рақами худро боло бардоштааст, аз ҷониби комиссияи музоядавӣ бо овоздиҳии оддӣ қабул карда мешавад ва иштироккунандагон ҳуқуқи муҳокима кардани онро надоранд.

161. Агар ҳангоми эълон кардани нархи ҳадди ақалли объект аз ҷониби музоядачӣ ягон нафари иштироккунандагон хоҳиши харидани амволи ба музояда гузошташударо надошта бошанд, амвол аз музояда гирифта мешавад.

162. Дар муддати се рӯзи корӣ пас аз музояда бо ғолиби музояда шартномаи хариду фурӯш ба имзо расонида шуда, дар муҳтавои шартнома оид ба муҳлати пардохт маблағи (на дертар аз 30 рӯзи корӣ аз рӯзи гузаронидани музояда), шакл ва тартиби пардохт, инчунин маблағи боҷи давлатӣ ба андозаи 0,2 фоиз аз нархи ибтидоии молу мулки ба фурӯш гузошташуда ба буҷети дахлдор муқаррар карда мешавад.

163. Дар муддати се рӯзи корӣ аз лаҳзаи пардохти пурраи нархи амвол, комиссияи музоядавӣ ва харидор тибқи замимаи 33 ба Тартиби мазкур санади супурдан ва қабул кардани объектро ба имзо мерасонанд ва ҳуҷҷати мазкур ба ғолиби музояда барои бақайдгирии молу мулки фурӯхташуда ба моликияти ӯ асос мегардад.

164. Дар музояда кормандони мутасаддии мақоми андоз, аъзои оила ва хешовандони наздики онҳо, инчунин шахсе, ки молу мулкаш дар музояда гузошта шудааст, ҳуқуқи иштирок карданро надоранд.

165. Дар ҳолати бо сабабҳои гуногун барпо нашудани музояда пас аз эълон шудани он бо усули англисӣ, мақомоти андоз бо риояи тартиби муқарраршуда музоядаи такрорӣ мегузаронад.

166. Инчунин, дар мавриди барпо нашудани музоядаи такрории эълон-гашта, нархи ибтидоии молу мулк 20 фоиз паст карда шуда, музоядаи навбатӣ бо усули ҳолландӣ гузаронида мешавад. Дар ин ҳолат то ҳамон вақте, ки яке аз иштирокчиён барои харидани молу мулк бо нархи эълоншуда розӣ нашавад, паст карда мешавад, аммо он набояд аз панҷоҳ фоизи нархи аввалаи арзиши молу мулки ба музояда гузошташуда кам бошад.

167. Дар ҳолати барпонашуда эълон намудани музояда бо усули ҳолландӣ ҳабс аз ин молу мулк бардошта шуда, нисбати молу мулки дигари андозсупоранда татбиқ карда мешавад.

168. Маблағҳои пардохт аз фурӯши молу мулки ҳабсгардида барои таъмини уҳдадориҳои қарзи андозӣ, инчунин барои хароҷоти нигоҳдошт ва фурӯши молу мулк, аз ҷумла хароҷоти мақомоти андоз (барои ҷуброни хизмати ташхиси арзиши амвол, масрафи истифодаи нақлиёт ва ғайра ) равона карда мешавад. Бақияи маблағи зиёдатӣ ба андозсупоранда дар муддати се рӯзи бонкӣ пас аз ворид шуданаш баргардонда мешавад.

169. Ҳолатҳои зерин бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ба хароҷот вобаста ба иҷрои қарори мақомоти андоз ҷиҳати ситонидани маблағи қарзи андозӣ бо роҳи ҳабси молу мулк ва фурӯши он дохил мешаванд, аз ҷумла:

- ошкоркунӣ, азназаргузаронӣ, нархгузории молу мулки қарздор;
- ташкил, ба руйхат гирифтан ва ҳабси молу мулки қарздор, ҳамлу нақл ва нигоҳ доштани чунин молу мулк;
- фурӯхтани молу мулки ҳабсшуда;
- пардохт намудани хизмати тарҷумонҳо, мутахассисон ва дигар шахсоне, ки бо тартиби муқарраргардида барои анҷом додани амали иҷро ҷалб карда шуда буданд;
- хароҷоти нақлиётӣ ҳангоми иҷрои қарор;
-хароҷоти почтавию телеграфӣ, алоқаи barқӣ ва коммуникатсионӣ;
- кофтукови қарздор;
- дигар хароҷоти вобаста ба амалҳои зарурии дар рафти иҷро анҷомдодашуда .

170. Молу мулки фурӯхташудаи андозсупоранда баъди аз ҷониби андозсупоранда гирифтани огоҳиномаи хаттии мақоми андоз дар хусуси

ба охир расидани фурӯш ва ҳисобӣ бо буҷет, аз тавозуни андозсупоранда баровarда мешавад.

## 7. СОЗИШНОМА ОИД БА ТАРТИБ ВА МУҲЛАТҲОИ ПАРДОХТИ ҚАРЗИ АНДОЗӢ

171. Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 149 Кодекси андоз андозсупорандае, ки нисбат ба ӯ чораҳои дар бобҳои 17-18 Кодекси андоз пешбинигардида амалӣ шуда истодаанд, метавонад нақшаи воқеии беҳбудии вазъи молиявӣ пешниҳод намояд ва бо мақомоти андоз ба муҳлати то 6 моҳи пайдарпайи тақвимӣ оид ба тартиб ва муҳлатҳои пардохти қарзи андозӣ созишнома тибқи замимаи 34 ба Тартиби мазкур ба имзо расонад.

172. Дар ҳолати ба имзо расондани созишнома оид ба тартиб ва муҳлатҳои пардохти маблағи қарзи андозӣ, иҷрои қарорҳои қаблан қабулгардида оид ба истифодабарии чораҳои дар банди 158 Тартиб пешбинишуда тибқи замимаи 35 ба Тартиби мазкур ба муҳлати амали созишнома боздошта мешавад. Роҳбари мақомоти андоз метавонад иловатан амали созишномаи зикршударо бо андозсупоранда ба муҳлати то 6 моҳи пайдарпайи минбаъда тамдид намояд.

173. Муҳлати иҷрои созишномаи зикргардида ва боздоштани қарорҳои қаблан қабулгардидаи мақомоти андоз оид ба татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани андозҳо наметавонад ба муҳлати зиёдтар аз муҳлатҳои дар қисми 1 ва 3 моддаи 149 Кодекси андоз зикргардида тамдид карда шавад.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

174. Андозсупорандагон (агентҳои андоз), намояндагони онҳо ва шахсони мансабдор, кормандони мақомоти андоз, инчунин ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои риоя накардани муқаррароти Тартиб тибқи Кодекси андоз ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошанд.

Замимаи1
ба Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои
таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

Дафтари
қайди қарорҳо дар бораи Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ дар Кумитаи андоз (ё Раёсати андоз дар ВМКБ ва вилоятҳо)

| № | Номгӯйи андозсупоранда | РМА ва РЯМ | Маблағи қарзи андозсупоранда | Санаи қабули қарор | Воридоти маблағи қарз | Нозирот ва корманди мутасаддӣ | Э з о ҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |

Замимаи 2
ба Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои
таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ОГОҲИНОМА ОИД БА ПАРДОХТИ ҚАРЗИ АНДОЗӢ

аз «____» __________ соли 20__ №___ (маҳалли қабули огоҳинома)

Ба андозсупоранда _______________________ РМА:______________ РСБ:_________,
(номи пурраи андозсупоранда)

Суроға: шаҳр, ноҳия, кӯча, _______________________________________________

Нозироти андоз дар шаҳри (ноҳияи), (Раёсати андози андозсупорандагони калон ва нозиротҳои он, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон) ____________________________________________ мутобиқи талаботи моддаи 133 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Шуморо оиди пардохти саривақтии қарзи андозҳо огоҳ менамояд. Огоҳиномаи мазкур бо назардошти ба ҳолати _____ аз ҳисоби андозҳо қарздор будани Шумо, пешниҳод карда шудааст. Аз он ҷумла:

| Номгӯйи андозҳо | Маблағи бақияи қарз ба ҳолати | | |
|---|---|---|---|
| | Андозҳо | Фоизҳо ва ҷаримаҳо | Ҳамагӣ маблағи қарзи андозӣ |
| | | | |
| ҳамагӣ | | | |

Бинобар ин, аз Шумо талаб карда мешавад, ки дар муҳлати 20 рӯз аз санаи гирифтани огоҳинома маблағи қарзи мазкурро ба буҷети дахлдори давлатӣ пардохт намоед.

Дар ҳолати иҷро нагардидани талаботи огоҳиномаи мазкур нисбати ________________________ (номи пурраи андозсупоранда) дар асоси муқаррароти моддаи 600 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаи маъмурӣ ва бобҳои 17, 18 Кодекси андози ҶТ усулҳои таъмини иҷрои уҳдадории андозӣ ва чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозӣ татбиқ карда мешавад.

Дар ҳолати норозӣ будан ба маблағи қарзи андозӣ, Шумо метавонед бо Нозироти андози маҳалли фаъолият, ба мақомоти болоии он ва (ё) суд муроҷиат намоед (моддаи 159 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон).

ДИҚҚАТ: Талаботи огоҳиномаи хаттӣ ё электронӣ бояд дар давоми 20 рӯз аз санаи қабул ва ё аз санаи ба ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ирсол намудани ҳуҷҷати электронӣ қонеъ гардонида шавад!

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ, Шумо метавонед ба Нозироти андоз дар маҳалли фаъолияти худ ва нозири мутасаддии мақомоти андоз муроҷиат намоед.

Нозири мутасаддӣ: ________________
(ном ва насаб)

Нозироти андоз дар шаҳри (ноҳияи), (Раёсати андози андозсупорандагони калон ва нозиротҳои он, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон)

_______________________________________ _______________________________________
(имзо) (ном ва насаб)

Маълумот оиди қабули огоҳиномаи аз «___» __________ соли 20____, № _________.

РМА: __________ андозсупоранда: ___________________________________
(номи пурраи андозсупоранда)

Қабул кард: __________________ ______________ аз «____» _________соли 20____
(имзо) (ном ва насаб)

Бо матни пурраи огоҳинома шинос шудам ва як нусхаашро гирифтам.

Замимаи 3
ба Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои
таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «____» __________ соли 20__ №___ (маҳалли қабули дархост)

Нозироти андоз дар шаҳри (ноҳияи), (Раёсати андози андозсупорандагони калон ва нозиротҳои он, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон) ______________________________________________________________________

Ба ________________________________________ (номи пурраи андозсупоранда)

## ДАРХОСТИ ХАТТӢ
«Оид ба пешниҳоди маълумот»

Нозироти андоз дар шаҳри (ноҳияи), (Раёсати андози андозсупорандагони калон ва нозиротҳои он, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон) _____________________ мутобиқи талаботи қисми 4 моддаи 134 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Шумо талаб менамояд, ки аз санаи «__» _______соли 20___ то ба санаи «__» _______соли 20___ маълумотҳои зеринро пешниҳод намоед:

1. Санади муқоисавии аз ҷониби мақомоти андоз ва андозсупоранда дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ тасдиқшуда;
2. Санади муқоисавии ҳисоббаробаркунии байни андозсупоранда ва қарздорони (дебиторон) ӯ тасдиқшуда;
3. Реквизитҳои суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда ва (ё) қарздорони (дебиторон) ӯ;
4. Рӯйхати молу мулк ва воситаҳои асосии дар тавозуни андозсупоранда мавҷудбуда.

Дар ҳолати ихтиёран иҷро накардани дархости мазкур ва аз ҷониби _____________________ (номи пурраи андозсупоранда) пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои дархостшуда андозсупоранда мутобиқи талаботи моддаҳои 600, 607 ва 616 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

Роҳбари мақомоти андоз ____________ ________________
(имзо) (ном ва насаб)

Замимаи 4
ба Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои
таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

Дафтари
қайди парвандаҳои назоратӣ дар бораи Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ
дар Нозироти (Раёсати) андоз дар шаҳри (ноҳияи) ___________________________

| № | Номгӯйи андозсупоранда | РМА ва ё РЯМ | Суроғаи ҳуқуқӣ | Санаи оғози парванда | Маблағи қарзи андозӣ | Корманди масъули Нозирот (имзо ва ному насаб) | Рафти чорабиниҳо дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозӣ | Санаи қатъ гардидани парванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |

Замимаи 5
ба Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои
таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

# ШАРТНОМАИ ЗАМОНАТ

аз «__» ________ соли 20__ № ___ (маҳалли қабули шартнома)

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд «Кумитаи андоз» номида мешавад, дар шахси Раиси Кумитаи андоз (ё муовини ваколатдори ӯ) _____________ (ному насаб), ки дар асоси низомнома амал мекунад, аз як тараф ва _______________ (номи пурраи Зомин, РМА ) (ё ду ва се ҷамъиятҳо) дар шахси директор __________ (ному насаб), (ё шахси воқеӣ ному насаб) минбаъд «Зомин», аз тарафи дигар дар маҷмӯъ, «Тарафҳо» номида мешаванд, Шартномаи мазкурро (минбаъд – «Шартнома») бо шартҳо ва масъалаҳои зерин ба имзо расониданд:

## 1. Мавзӯъи Шартнома

1.1. Зомин тибқи Шартнома, замонат медиҳад, ки дар сурати дар муҳлати муқарраршуда аз ҷониби ________________ (номи пурраи андозсупоранда, РМА) пурра пардохт накардани маблағи андозҳо уҳдадор мегардад, ки маблағи андози сари вақт пардохт накардаи андозсупорандаи зикргардидаро дар муҳлати ___ моҳ пардохт намояд.

1.2 Дар ҳолати аз ҷониби ______________ (номи пурраи андозсупоранда,) иҷро нагардидани уҳдадориҳои андозии бо замонат таъминшуда, Зомин ва андозсупорандаи мазкур, барои пардохт нагардидани маблағи андозҳо ҷавобгарии муштарак доранд.

1.3. Уҳдадории ба зимаи Зомин тибқи Шартнома вогузоргардида дар маҷмуъ маблағи ________ сомониро ташкил менамояд.

## 2. Ҳамкории Тарафҳо

2.1. Ҳамкории Тарафҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2.2. Масъулияти Зомин мувофиқи Шартнома, ин асосан аз ҷониби ______________ (номи пурраи андозсупоранда) пардохт нагардидани маблағи батаъхирафтодаи андозҳо ҳисобида мешавад.

2.3. Зомин дар асоси Шартнома уҳдадор мешавад, ки маблағи батаъхирафтодаи қарзи андозии ______________ (номи пурраи андозсупоранда ) пурра ба буҷет пардохт намояд.

2.4. Ҳангоми дар муҳлатҳои муқарраршуда напардохтан ё нопурра пардохтани қарзи андозии бо замонат таъминшуда, мақомоти андоз дар давоми 5 рӯз аз рӯзи ба охир расидани муҳлати пардохти қарзи андоз аз ҷониби андозсупоранда ба Зомин талабнома дар бораи пардохти маблағи андозҳо ирсол менамояд.

2.5. Зомин ҳуқуқ надорад, ки талабномаи мақомоти андозро мувофиқи Шартномаи мазкур рад намояд.

2.6. Дар ҳолати аз ҷониби Зомин риоя нагардидани талаботи талабномаи дар банди 2.4. пешбинигрдида, мақомоти андоз тибқи талаботи бобҳои 17 - 18 Кодекси андоз усулҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

ва чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозиро нисбат ба Зомин амалӣ менамояд.

## 3. Муҳлати шартнома

3.1. Шартнома аз рӯзи ба имзо расонидани Тарафҳо эътибор пайдо мекунад.

3.2. Шартнома то он муҳлате амал мекунад, ки ______________________________ (номи пурраи андозсупоранда) ва (ё) Зомин уҳдадориҳои дар бандҳои 1.1 ва 1.3 Шартнома пешбинишударо пурра иҷро кунанд.

## 4. Шартҳои дигар

4.1. Ворид намудани ҳама гуна тағйиру иловаҳо ба Шартнома, бояд ба таври хаттӣ ба расмият даровarda шаванд.

4.2. Амали Шартномаи мазкур танҳо баъд аз пурра иҷро гардидани ҳамаи уҳдадориҳои Тарафҳо бекор карда мешавад.

4.3. Ҳамаи баҳсу мунозираҳо байни тарафҳо ба тариқи гуфтушунид ва мувофиқи қонунгузорӣ ҳал карда мешаванд.

4.4. Муносибатҳои ҳуқуқие, ки ҳангоми муқаррар намудани замонат ба сифати чораи таъмини иҷрои уҳдадории андозӣ ба миён меоянд, мутобиқи муқаррароти қонунгузории гражданӣ танзим карда мешаванд, агар қонунгузории андоз тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

4.5. Шартномаи мазкур дар 2 нусха тартиб дода шуда, як нусхагӣ ба тарафҳо дода мешавад.

4.6. Нусхаи Шартномаи мазкур баъд аз имзо расонидани Тарафҳо ба _______________ (номи пурраи андозсупоранда) ирсол карда мешавад.

## 5. Суроға ва маълумоти муфассал оид ба Тарафҳо:

| | |
|---|---|
| Кумитаи андоз: ___________________<br>РМА: ____________________________<br>Суроға: ш. Душанбе кӯчаи Н.Қарабоев 42/2<br>Тел: _____________________________<br>Факс: ____________________________<br>Имзо _____________________________ | Зомин _____________________________<br>РМА: ______________________________<br>суроғаи ҳуқуқӣ, имзои роҳбар.<br>Шахси воқеӣ<br>Суроға, ___________________________<br>Шиноснома, ________________________<br>аз тарафи ШВКД, __________ аз «__» _________ соли 20__, № ___ дода шудааст __________________________<br>РМА ва рақами телефон __________<br>Имзо _______________________________ |

Замимаи 6
ба Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои
таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ТАЛАБНОМА

аз «____» __________ соли 20__ №___ (маҳалли қабули талабнома)

Ба Зомин _________________________ РМА: ____________________________
(номи пурраи зомин)
Суроға: шаҳр, ноҳия, кӯча ____________________________________________________

Нозироти андоз дар шаҳри (ноҳияи), (Раёсати андози андозсупорандагони калон ва нозиротҳои он, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон) _______________________________________________________ ба маълумоти Шумо мерасонад, ки бақияи қарзи андозҳои _______________________ (номи пурраи андозсупорандаи қарзи андозаш бо замонат таъминшуда ва РМА) ба ҳолати «___» _____ соли 20_____ дар маҷмуъ маблағи _____ сомониро ташкил менамояд. Аз он ҷумла,

| Номгӯйи андозҳо | Маблағи бақияи қарз ба ҳолати | | |
|---|---|---|---|
| | Андозҳо | Фоизҳо ва ҷаримаҳо | Ҳамагӣ маблағи қарзи андозӣ |
| | | | |
| Ҳамагӣ | | | |

Бинобар ин, мутобиқи муқаррароти қисми 5 моддаи 137 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 1.3, 2.3 Шартномаи замонат аз «___» ______ соли 20**___, №** _____ аз Шумо талаб карда мешавад, ки дар муҳлати 5 рӯз аз санаи гирифтани талабнома маблағи қарзи андозҳои ҷамъияти мазкурро ба буҷети дахлдори давлатӣ пардохт намоед.

Дар ҳолати иҷро нагардидани муқаррароти талабномаи мазкур нисбати ________________ (номи пурраи зомин) дар асоси муқаррароти моддаи 600 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ ҷаримаи маъмури ва тибқи бобҳои 17, 18 Кодекси андози ҶТ усулҳои таъмини иҷрои уҳдадории андозӣ ва чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозӣ татбиқ карда мешаванд.

ДИҚҚАТ: Талабномаи хаттӣ ё электронӣ бояд дар давоми 5 рӯз аз санаи қабул ва ё аз санаи ба ҳуҷраи шахсии _________________ (номи пурраи зомин) ирсол намудани ҳуҷҷати электронӣ қонеъ гардонида шавад!

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ, Шумо метавонед ба Нозироти андоз дар маҳалли фаъолияти худ ва Кумитаи андоз муроҷиат намоед.

Нозироти андоз дар шаҳри (ноҳияи), (Раёсати андози андозсупорандагони калон ва нозиротҳои он, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон)

_________________________________________ _____________________________________________
(имзо) (ном ва насаб)

Маълумот оиди қабули талабнома аз «___» __________ соли 20____, № _________

РМА-и зомин: __________________________ _________________________________
(номи пурраи зомин)

Қабул кард: __________________ ________________ аз «____» _________соли 20____
(имзо) (ном ва насаб)

Бо матни пурраи талабнома шинос шудам ва як нусхаашро гирифтам

Замимаи 7
ба Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои
таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

______________________
номи мақомоти андоз

Кафолати бонкӣ аз ____________________, № _____
(рӯз, моҳ ва сол)

1. _________________________________ (Ташкилоти қарзии молиявӣ) дар асоси муқаррароти моддаи 138 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон кафил мешавад, ки _______ сомонӣ маблағи андозҳо, ҷарима ва фоизҳои __________________ (номи пурраи андозсупорандае, ки ба он кафолатномаи бонкӣ дода мешавад ва РМА-и он) пурра пардохт менамояд, агар аз ҷониби _________________ (номи пурраи андозсупорандае, ки ба он кафолатномаи бонкӣ дода мешавад) дар мӯҳлати муқарраргардида маблағи андозҳо, ҷарима ва фоизҳо пардохт карда нашаванд.

2. Шартҳои амали уҳдадорӣ:

- кафолати бонкӣ бозхостнашаванда ва ба шахси дигар вогузорнашаванда мебошад;
- мӯҳлати амали он набояд пештар аз 6 моҳ аз рӯзи ба охир расидани мӯҳлати муқарраршуда барои иҷрои уҳдадории пардохти қарзи андозӣ аз ҷониби _________________________ (номи пурраи андозсупорандае, ки ба он кафолатномаи бонкӣ дода мешавад), ки бо кафолати бонкӣ таъмин шудааст, анҷом ёбад;
- маблағи пурраи уҳдадории андозии ____________________ (номи пурраи андозсупорандае, ки ба он кафолатномаи бонкӣ дода мешавад) аз ҷумла пардохти андозҳо, ҷарима ва фоизҳоро дар бар мегирад;
- муқаррарот дар бораи аз кафил маҷбуран ситонидани маблағҳоро аз ҷониби мақомоти андоз пешбинӣ менамояд, агар кафил дар мӯҳлати муқарраршуда талабот оид ба пардохти пурраи андозҳо, ҷарима ва фоизҳоро мутобиқи ин кафолати бонкӣ иҷро накунад.

3. Мутобиқи талаботи қисми 4 моддаи 138 Кодекси андоз ___________________________ (Ташкилоти қарзии молиявӣ) уҳдадор мешавад, ки талабномаи мақомоти андозро оид ба пардохти маблағ дар мӯҳлати 5 рӯз аз рӯзи гирифтани он кафолати бонкии мазкурро иҷро намояд.

4. Кафолати бонкии мазкур аз рӯзи ба имзо расонидани он ба қувваи амал медарояд ва то санаи ______________________ (рӯз, моҳ ва сол) амал менамояд.

Роҳбари ташкилоти
қарзии молиявӣ ________________ ________________________
(имзо) (ном, насаб ва номи падар)

Сармуҳосиби ташкилоти
қарзии молиявӣ ___________ ________________________
(имзо) (ном, насаб ва номи падар)

Ҷ.М.

Замимаи 8
ба Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои
таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ТАЛАБНОМА

аз «____» __________ соли 20__ №___ (маҳалли қабули талабнома)

Ба Кафил _________________________ РМА: ____________________________
(номи пурраи кафил)
Суроға: шаҳр, ноҳия, кӯча ____________________________________________________

Нозироти андоз дар шаҳри (ноҳияи), (Раёсати андози андозсупорандагони калон ва нозиротҳои он, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон) __________________________________________________________ ба маълумоти Шумо мерасонад, ки бақияи қарзи андозҳои ________________________ (номи пурраи андозсупорандаи қарзи андозаш бо кафолат таъминшуда ва РМА) ба ҳолати «___» _____ соли 20_____ дар маҷмуъ маблағи _____ сомониро ташкил менамояд. Аз он ҷумла,

| Номгӯйи андозҳо | Маблағи бақияи қарз ба ҳолати | | |
|---|---|---|---|
| | Андозҳо | Фоизҳо ва ҷаримаҳо | Ҳамагӣ маблағи қарзи андозӣ |
| | | | |
| Ҳамагӣ | | | |

Бинобар ин, мутобиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 138 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Шумо талаб карда мешавад, ки дар мӯҳлати 5 рӯз аз санаи гирифтани талабнома маблағи қарзи андозҳои ҷамъияти мазкурро ба буҷети дахлдори давлатӣ пардохт намоед.

Дар ҳолати иҷро нагардидани муқаррароти талабномаи мазкур нисбати ________________ (номи пурраи кафил) тибқи муқаррароти моддаҳои 144 ва 148 Кодекси андози ҶТ чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозӣ татбиқ карда мешаванд.

ДИҚҚАТ: Талабномаи хаттӣ ё электронӣ бояд дар давоми 5 рӯз аз санаи қабул ва ё аз санаи ба ҳуҷраи шахсии __________________ (номи пурраи кафил) ирсол намудани ҳуҷҷати электронӣ қонеъ гардонида шавад!

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ, Шумо метавонед ба Нозироти андоз дар маҳалли фаъолияти худ ва Кумитаи андоз муроҷиат намоед.

Нозироти андоз дар шаҳри (ноҳияи), (Раёсати андози андозсупорандагони калон ва нозиротҳои он, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон)

________________________________________ ____________________________________________
(имзо) (ном ва насаб)

Маълумот оиди қабули талабнома аз «___» __________ соли 20____, № _________

РМА-и кафил: ___________________________ ___________________________________
(номи пурраи кафил)

Қабул кард: __________________ _________________ аз «____» ________соли 20____
(имзо) (ном ва насаб)

Бо матни пурраи талабнома шинос шудам ва як нусхаашро гирифтам

Замимаи 9
ба Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои
таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

# КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Қ А Р О Р

дар бораи боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии
__________________________________ дар _____________________________
(андозсупоранда) (ташкилоти қарзии молиявӣ)

«____» _________ соли 20__ № ______ _____ (маҳалли қабули қарор)

Ман, роҳбари мақомоти андоз _________ (ному насаб) маводҳои парвандаи назоратии № ____-ро нисбати ___________________ (номи пурра ва РМА-и андозсупоранда) дида баромада,

МУАЙЯН НАМУДАМ:

____________________________ (номи пурраи андозсупоранда) ҳамчун андозсупоранда бо РМА ____________ дар қайди нозироти (раёсати) андоз дар шаҳри, вилояти ё ноҳияи ___________________ қарор дорад.

Бақияи қарзи андозҳои ____________ (номи пурраи андозсупоранда) ба ҳолати «___» _______ соли 20__ дар маҷмуъ маблағи __________________ сомониро ташкил менамояд.

Дар асоси муқаррароти моддаи 133 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (инчунин оиди риоя накардани талаботҳои қисми 4 моддаи 140 Кодекси андоз) ба андозсупоранда огоҳинома аз «___» _________ соли 20__, № ___ ирсол карда шудааст, вале андозсупоранда оид ба огоҳномаи мазкур дар муҳлати муқарраргардида вокуниш накардааст.

Дар натиҷа ҳолати мазкур боиси иҷро нагаштани талаботҳои моддаҳои 34, 119 ва 120 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саривақт пардохт нашудани андозҳо ба буҷети давлатӣ гардидааст.

Бо дар назар доштани гуфтаҳои боло, бо дастрасии талаботи банди 3 қисми 1 моддаи 136 ва моддаи 140 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Қ А Р О Р К А Р Д А М:

1. Амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии ______________ (номи пурраи андозсупоранда), № ________________, РМБ ________________ дар _________ __________ (ташкилоти қарзии молиявӣ) боздошта шавад.
2. Аз қабули қарори мазкур __________________ (номи пурраи андозсупоранда) огоҳ карда шавад.
3. Нусхаи қарор ба __________________ (ташкилоти қарзии молиявӣ) барои таъмини иҷро равон карда шавад.
4. Назорати таъмини иҷрои қарори мазкур ба зиммаи нозироти (раёсати) андоз дар _________________ вогузор карда шавад.
5. Баъд аз бартараф гардидани асосҳое, ки боиси маҳдудкунии ихтиёрдории молу мулки андозсупоранда аз ҷониби мақомоти андоз гардидааст, қарори мазкур бекоршуда ҳиобида мешавад.

Роҳбари мақомоти андоз ______________ ______________
(имзо) (ном ва насаб)

(муҳр)

Замимаи 10
ба Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои
таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Қ А Р О Р
дар бораи бекор намудани қарорҳои мақомоти андоз дар бораи боздоштани амалиёти хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда

«____» _________ соли 20__ №___ (маҳалли қабули қарор)

Ман, роҳбари мақомоти андоз (ному насаб) маводҳои парвандаи назоратии № ____-ро нисбати __________________ (номи пурраи андозсупоранда) дида баромада,

МУАЙЯН НАМУДАМ:

__________________ (номи пурраи андозсупоранда) ҳамчун андозсупоранда бо РМА ____________ дар қайди нозироти (раёсати) андоз дар шаҳри, вилояти ё ноҳияи ____________ қарор дорад.

Бояд қайд намуд, ки нисбати __________________ (номи пурраи андозсупоранда) дар асоси талаботи моддаҳои 140 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори мақомоти андоз дар бораи боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкӣ аз «___» _______ соли 20__, № ______ қабул карда шудааст.

Мутобиқи муқаррароти банди 1-3 қисми 5 моддаи 136 ва банди 1-2 қисми 1 моддаи 141 Кодекси андоз қарорҳои мақомоти андоз дар бораи боздоштани амалиёти хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии андозсупоранда ва ё агенти андоз бо назардошти ҳолатҳои зерин:

_____________________________________________________________________

_____________________________________________________________________

бекор карда мешаванд.

Бо дар назар доштани асосҳои зикргардида, бо дастрасии талаботи қисми 5 моддаи 136 ва қисми 1 моддаи 141 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Қ А Р О Р   К А Р Д А М:

1. Қарорҳои мақомоти андоз дар бораи боздоштани амалиёти хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии __________________ (номи пурраи андозсупоранда) аз «___» _______ соли 20__, № ______ бекор карда шаванд.

2. Қарорҳои қабулнамудаи мақомоти андоз барои маълумот ба (ташкилоти қарзии молиявӣ) ____________________, (номи пурраи андозсупоранда) ________________ ва нозироти (раёсати) андоз дар _________________ ирсол карда шаванд.

Роҳбари мақомоти андоз ________________ ___________________
(имзо) (ном ва насаб)

(муҳр)

Замимаи 11
ба Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои
таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

___________(ташкилоти қарзии молиявӣ)
суроға:______________________ (шаҳр, ноҳия)

Нусха: _____(номи пурраи андозсупоранда)
(РМА ____________________)
суроға:_________________________ (шаҳр, ноҳия)

Нусха: Нозироти (Раёсати) андоз дар шаҳр (ноҳия)
_____________________________________________

# О Г О Ҳ И Н О М А

Мақомоти андоз тибқи муқаррароти қисми 8 моддаи 136 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳиномаи мазкурро ирсол намуда ба маълумоти Шумо мерасонад, ки бо назардошти аз ҷониби _____________ (номи пурраи андозсупоранда) пурра пардохт гардидани маблағи қарзи андозҳо, (баъд аз бартараф намудани асосҳое, ки боиси татбиқи усулҳои маҷбуран ситонидани андозҳо мутобиқи бандҳои 3 ва 5-9 қисми 1 моддаи 136) қарори мақомоти андозро аз «___» ______ соли 20___, № _____ “Дар бораи боздоштани амалиётҳои хароҷотии суратҳисоби бонкии андозсупоранда” иҷрошуда ҳисобида, гузаронидани амалиётҳо тавассути суратҳисоби бонкии андозсупоранда иҷозат дода мешавад.

Роҳбари мақомоти андоз _____________ _____________
(имзо) (ном ва насаб)

Замимаи 12
ба Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои
таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

Мақомоти андоз ___________________

____________________________________ (ташкилоти қарзии молиявӣ) қарори мақомоти андоз дар бораи боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии _______________________ (номи пурраи андозсупоранда) (РМА_____________) аз «___» _________ соли 20__, № ___ мавриди амал қарор дод.

Дар робита ба иҷрои қарор зикргардидаи мақомоти андоз ҷиҳати боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии андозсупорандаи мазкур чунин иттилоъ медиҳем.

Дар давраи боздоштани амалиётҳои хароҷотӣ бо суратҳисобҳои бонкии ____________________ (номи пурраи андозсупоранда) дар маҷмӯъ маблағи __________ сомонӣ ворид гардида, аз ин ________ сомонӣ барои пардохти музди меҳнат (дигар пардохтҳои ба он баробаркардашуд) ва __________ сомонӣ андозҳо пардохт карда шудааст.

Замима: нусхаи беруннависи суратҳисоби бонкӣ дар ҳаҷми ____ варақ.

Роҳбари
ташкилоти қарзии молиявӣ _______________ _______________
(имзо) (ному насаб)

ҶМ

Замимаи 13
ба Тартиби татбиқи усулҳо ва чораҳои
таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ

# КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## Қ А Р О Р
дар бораи маҳдудкунии ихтиёрдории молу мулки

____________________________________
(андозсупоранда)

«____» _________ соли 20__ № ______ (маҳалли қабули қарор)

Ман, роҳбари мақомоти андоз _________ (ному насаб) маводҳои парвандаи назоратии № ____-ро нисбати __________________ (номи пурра ва РМА-и андозсупоранда) дида баромада,

МУАЙЯН НАМУДАМ:

____________________________ (номи пурраи андозсупоранда) ҳамчун андозсупоранда бо РМА ____________ дар қайди нозироти (раёсати) андоз дар шаҳри, вилояти ё ноҳияи ___________________ қарор дорад.

Бақияи қарзи андозҳои ____________ (номи пурраи андозсупоранда) ба ҳолати «___» _______ соли 20__ дар маҷмуъ маблағи __________________ сомониро ташкил менамояд.

Дар асоси муқаррароти моддаи 133 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пардохти қарзи андоз (инчунин оиди риоя накардани талаботҳои қисми 4 моддаи 140 Кодекси андоз) ба андозсупоранда огоҳинома аз «___» _________ соли 20__, № ___ ирсол карда шудааст, вале ҷамъият оид ба огоҳномаи мазкур дар муҳлати муқарраргардида вокуниш накардааст.

